ҶАНГИ РУСИЯ ВА УКРАИНА ПОЁН МЕЁБАД? с. 4

СӮХТОР ДАР ВАРЗИШГОҲИ НАВИ ПОЙТАХТ с. 5

1000 ТОННА МАҲСУЛОТИ СУҒД ДАР ОСТОНА с. 7

ТОҶИКИСТОН

№34 (1647), 20.08.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якхост! Оғози нашр соли 1992





ИНТИҚОДИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ АЗ

кори судяҳо,

кашолкории баррасии парвандаҳо,

сатҳи ҷиноятқорӣ,

таълими ғайриқонунии динӣ,

санҷишҳои беасос,

кадрҳои тасодуфӣ дар сафи мақомот...

ДАР ИН ШУМОРА:

МИЛИТСИЯИ ПОЙТАХТ
Аз бинои 10-ошёна то осорхонаи таърихӣ
с.2

ПЕШНИҲОД
Ҷазо барои муроҷиат ба фолбину ҷодугар
с.3


ВАЗОРАТИ МАОРИФ
Фурӯши либос дар мактаб манъ аст
с.5

АФҒОНИСТОН
Охирин талош, аммо дер...
с.6

МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ
Чӣ гуна кӯдакро бо пул ошно кунем?
с.7

НИГАРОНӢ
Афзоиши ҷинояти таҷовуз ба номус
с.11

ПУРХӮРӢ
Ва 7 оқибати нохуши он
с.12



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Рафаэл НЕКТАЛОВ,
сармуҳаррири рӯзномаи “The Bukharian Times”

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

Шариф РАҲИМЗОДА,
доктори илми иқтисодӣ, профессор

Урватулло ТОИРОВ,
доктори илми филология, профессор

Тамара МОСКАЛЁВА,
нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброаз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.



МИЛИТСИЯИ ПОЙТАХТ

Бинои нави 10-ошёна ва осорхонаи таърихӣ муаррифӣ шуд

19-УМИ АВГУСТ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ ДУ БИНОИ НАВИ МАҚОМОТИ МИЛИТСИЯ БО ТАМОМИ ШАРОИТ БА ИСТИФОДА ДОДА ШУДАНД. ДАР БОЗКУШОИИ РАСМӢ ПРЕЗИДЕНТИ МАМЛАКАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ВА РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ ИШТИРОК НАМУДАНД.



«ШОҲИН» - МАРКАЗИ МУОСИРИ ТАЪИНОТИ МАХСУСИ МИЛИТСИЯ

Нахуст Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ бинои нави Дастаи алоҳидаи таъиноти махсуси милитсия «Шоҳин»-и Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Душанберо мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Он аз як бинои асосӣ ва се бинои ёрирасони 3-ошёна иборат буда, бо дарназардошти меъёрҳои муосири меъморӣ ва талаботи соҳавӣ сохта шудааст. Дар дохили он ҳуҷраҳои корӣ, маҷлисгоҳҳо, синфхонаҳо ва майдончаҳои таълимӣ ҷой доранд. Бо тамоми таҷҳизоти зарурии соҳавӣ, аз ҷумла яроқу аслиҳа, воситаҳои алоқа ва сарулибоси низомӣ таъмин гардидаанд. Барои хизматчиён хобгоҳи муосир ва ду ошхонаи замонавӣ бунёд ёфтааст.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити нав аз намоиши техникаву таҷҳизоти ҳарбӣ дидан карданд. Иттилоъ дода шуд, ки парки техникии даста аз мошинҳои муосири ҳарбӣ иборат буда, ҳамеша дар ҳолати омодагии доимӣ қарор дорад.

Президенти мамлакат дар суҳбат бо ҳайати шахсӣ зарурати ҳушёриву зиракии сиёсӣ ва касбӣ, такмили донишу малака ва омодагии ҳамешагӣ барои рафъи ҳолатҳои фавқулода ва иҷрои амалиёти махсусро таъкид намуданд. Ҳамчунин, ба Дастаи алоҳидаи таъиноти махсуси милитсия «Шоҳин» нақлиёти нави хизматӣ тақдим карда шуд.

БИНОИ ЗАМОНАВӢ БО ОСОРХОНАИ ТАЪРИХӢ

19-уми август бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ бинои нави Раёсати Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе ба истифода дода шуд.

Бинои нави асосии Раёсат аз чор қисм ва 10 ошёна иборат аст. Он дар масоҳати наздик ба ду гектар мутобиқ ба талаботи фаъолияти мақомоти милитсия ва бо дарназардошти унсурҳои меъмории миллӣ сохта шуда, дорои тарҳи замонавӣ мебошад.

Иншооти мазкур аз ҳисоби маблағҳои буҷети Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе бунёд гардидааст.

Бинои тозабунёд дорои инфрасохтори мукаммал ва имкониятҳои фарох буда, 246 утоқи корӣ ва ёрирасон, маҷлисгоҳи асосӣ бо 346 курсӣ, маҷлисгоҳи хурд бо 40 ҷойи нишаст, хобгоҳ бо 290 рахти хоб, ошхона барои 178 кас дар як вақт, толори варзиш барои машқу тамрини бадан, инчунин майдонҳои варзиш барои футболи хурд, волейбол ва дигар намудҳои варзишро дар бар мегирад.

Дар ошёнаи якуми бинои мазкур осорхонаи таърихӣ таъсис ёфтааст, ки дар он саҳму хизматҳои арзандаи кормандони мақомоти милитсияи пойтахт бо нигоштаҳо, аксҳо ва санадҳои муҳиму нодир инъикос ёфтааст.

ЛИТСЕЙИ “ДУРАХШАНДАГОН”

Ҳамчунин, ҳангоми шиносоӣ ба Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон лоиҳаи сохтмони литсейи “Дурахшандагон”-и Вазорати корҳои дохилӣ барои 640 хонанда бо хобгоҳи муосир барои 260 нафар муаррифӣ гардид. Ин иқдом ифодагари таваҷҷуҳи хоссаи давлат ба рушди илму маърифат, тарбияи насли соҳибилм ва таҳкими пояҳои сохтории мақомоти қудратӣ маҳсуб меёбад.

ИНТИҚОДИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ

АЗ

кори судяҳо,
кашолкории баррасии парвандаҳо,
сатҳи ҷиноятқорӣ,
таълими ғайриқонунии динӣ,
санҷишҳои беасос,
кадрҳои тасодуфӣ дар сафи мақомот...



19-уми август ҷаласаи назоратӣ таҳти роҳбарии Рустами Эмомалӣ, раиси шаҳри Душанбе бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи пойтахт доир гардид. Гуфта мешавад, ки мақсади баргузор гаштани ҷаласаи мазкур баррасии масъалаҳо вобаста ба вазъи ҷиноятқорӣ, таъмини амният ва тартиботи ҷамъиятӣ, вазъи мубориза бар зидди кирдорҳои коррупсионӣ, истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетӣ ва андешидани чораҳои таъхирнопазир ҷиҳати беҳтар кардани фаъолияти сохторҳои дахлдор гуфта шуд.

КАШОЛКОРИИ ПАРВАНДАҲО

Дар ҷаласаи мазкур зимни ҳисоботи раиси Суди шаҳри Душанбе мушкилоти соҳа мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Дар идома шаҳрдори Душанбе аз кори судяҳо интиқод карда, гуфтааст, ки онҳо дар баррасии парвандаҳо ба кашолкорӣ роҳ медиҳанд. Ӯ таъкид кардааст, нисбати судяҳое, ки ба амалҳои ғайриқонунӣ даст зада, шаъну эътибори додрасро паст мезананд, чораандешӣ карда шавад.

Дар ин бора хабаргузории "Ховар" бо истинод ба шуъбаи иттилооти шаҳрдории Душанбе иттилоъ додааст.

Тибқи иттилои расмӣ, Рустами Эмомалӣ зикр кардааст, ки "ин ҳолат боиси норозигии шаҳрвандон мегардад ва бояд пеши роҳи ин амалҳо ҳарчи зудтар гирифта шавад".

"Ҳамчунин таъкид гардид, ки нисбат ба судяҳое, ки ба амалҳои ғайриқонунӣ роҳ медиҳанд ва шаъну эътибори судяро паст мезананд, чораандешӣ карда шавад",- омадааст дар хабари расмӣ.

ПЕШГИРИИ ҶИНОЯТКОРӢ

Дар ин ҷаласа ҳамчунин масъалаҳои вобаста ба вазъи ҷиноятқорӣ, таъмини амният ва тартиботи ҷамъиятӣ, мубориза бар зидди кирдорҳои коррупсионӣ, истифодаи дурусти маблағҳои буҷетӣ ва чораандешӣ ҷиҳати беҳтар кардани фаъолияти сохторҳои дахлдор баррасӣ шудаанд.

Ба иттилои "Ховар", нахуст Мизробшоҳ Абдураҳмонзода, прокурори шаҳри Душанбе вобаста ба вазъи ҷиноятқорӣ ҳисобот додааст.

Рустами Эмомалӣ ба прокурори пойтахт ҷиҳати пешгирии ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ, пешгирии ғасби ғайриқонунии замин, сохтмонҳои худсарона ва ташкили санҷишҳои беасос супориш додааст.

Дар идома, шаҳрдори пойтахт баъди шунидани ҳисоботи Шоҳрух Саидзода, сардори Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе дастур додааст, ки дар самти таъмини амният, тартиботи ҷамъиятӣ ва пешгирии ҷинояту ҳуқуқвайронкуниҳо фаъол бошанд.

"Ҳамзамон таъкид гардид, ки ҷиҳати пешгирии ҳолатҳои сар задани сӯхтор ва ҳодисаҳои нохуши роҳу нақлиёт корҳоро ҷоннок намуда, дар ин самт корҳои фаҳмондадиҳиро тақвият бахшанд",- навиштааст манбаъ.

ТАЪЛИМИ ҒАЙРИҚОНУНИИ ДИНӢ

Рустами Эмомалӣ дар ҷаласаи назоратӣ бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи пойтахт инчунин аз зиёд шудани теъдоди нафароне, ки таълимоти ғайриқонунии динӣ мегиранд, изҳори нигаронӣ карда, гуфтааст, беш аз 80 фоизи таълимгирандагон ҷавонони то 30-сола будаанд.

Дар ин асос ба Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар шаҳри Душанбе супориш додааст, ки ҷиҳати пешгирии шомилшавии ҷавонону наврасон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ ва пешгирии таблиғи фарҳанги бегона чораандешӣ кунанд.

Тибқи иттилои расмӣ, дар ҷаласа ҳисоботи сардори Раёсати Агентии мубориза бо коррупсия ва ҷиноятҳои молиявӣ дар шаҳри Душанбе низ шунида шудааст. Таъкид шудааст, ки ин ниҳод ҷиҳати пешгирӣ ва коҳиши сатҳи фасод дар ҷомеа фаъолиятро ҷоннок кунад.

Инчунин роҳбарони Раёсати минтақавии гумрукӣ, Раёсати Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Тоҷикистон, Раёсати КҲФ ва Комиссариати ҳарбӣ дар шаҳри Душанбе оид ба фаъолияти ин ниҳодҳо ҳисобот додаанд.

Рустами Эмомалӣ дар охир ба роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи пойтахт супориш додааст, ки барои пешгирии ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо байни ҷомеа корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, "барои тоза кардани сафи кормандони сохторҳо аз кадрҳои тасодуфӣ" чораандешӣ кунанд.

ПЕШНИҲОДИ ҶАЗО БАРОИ РАФТАН БА НАЗДИ ФОЛБИНУ ҶОДУГАР

Ҳукумати Тоҷикистон ба парлумони кишвар пешниҳод кардааст, ки барои рафтан ба назди фолбину ҷодугар ва ё истифодаи хидматрасонии онҳо ҷазо таъин карда шавад. Агар ин пешниҳод қабул шавад, муштариёни фолбину ҷодугар то 750 сомонӣ ҷарима мешаванд.

Дар асоси ин пешниҳод, ба моддаи 482 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Тоҷикистон банди нав бо номи "истифодабарӣ аз хизматрасонии сеҳрдон, ҷодугар ва фолбин" илова карда мешавад.

Тибқи ин тағйирот, нисбати нафароне, ки ба назди сеҳрдон, ҷодугар ва фолбин мераванд, аз 5 то 10 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (аз 375 то 750 сомонӣ) ҷарима татбиқ карда мешавад.

Бояд гуфт, ки як соли охир мақомоти Тоҷикистон мубориза бо фолбинҳову ҷодугаронро пурзӯр кардаанд. Тобистони соли гузашта Вазорати корҳои дохилии кишвар эълон карда буд, ки нафаронеро, ки ба назди фолбину ҷодугар мераванд, ба мақомот даъват карда, ному аксҳояшонро дар махзани ВКД мегузорад.

Мақомот гуфта буданд, ки "мақсад аз ин кор пешгирӣ аз бовар ба фолбину ҷодугар аст, чун баъзе аз шаҳрвандон ба назди фолбину ҷодугарон рафта, ба онҳо пул медиҳанд ва бо ин кор дар густариши фолбиниву ҷодугарӣ саҳм мегузоранд".



САРИ САБЗ



**Толиб КАРИМӢ,
Шоири халқии
Тоҷикистон**

- Бузурге гуфтааст: "Як мусиқии нағз инсонро аз гӯшаш мегирад ва рост ба биҳишт мебарад". Шашмақоми мо, хонишҳои бадахшонӣ, зарафшонӣ, хатлонӣ ва фалак биҳишти мо ҳастанд. То гӯш ҳасту мусиқист, мардум лаззати биҳишти гумшудаашонро хоҳанд ҷуст.

- Рост, вале ин қадар мусиқиҳои эстрадиву рэпу попу ҷазу вазу дигару дигар, ки имрӯзҳо ситораҳо иҷро мекунанду мо мешунавем, аз гӯшамон гирифтаву ба куҷо мебаранд?



**Манзура
МИРЗОҶОНОВА,
момодоя ва табиби оилавӣ**

- Ман аз таваллуд кунондан ва табобат кардани хурду калон хаста намешавам, балки азоби роҳ ранҷам медиҳад. Солҳои аввал қариб ҳамаи ҷамоати Иван-Тоҷикро пиёда мегаштам. Имрӯз фишорбаландӣ ва диабети қанд маро зер кардаасту қувваи роҳгардиям кам шудааст.

- Парво накунед, аз ин пас роҳгардиятон зарур намешудагист. Шояд баъди ин ҳама суханҳо роҳбарияти ноҳия ва ҷамоати Иван-Тоҷик бароятон ягон мошини сабукрав ҷудо кунанд...



**Алимуҳаммад
МУРОДӢ, Шоири
халқии Тоҷикистон**

- Китобҳои солҳои охир чоп кардаам бо ҳиммату дастгирии баъзе роҳбарону ҷавонмардони саховатпеша ба табъ расидаанд, ки адади нашрашон хеле кам аст. Онҳоро ихлосмандон (аксар бо тариқи туҳфа) гирифта мебаранд. Бинобар ин, ба тарғибу ташвиқи китобҳоям ҳоҷат намемонад.

- Пас, барои бештар тарғиб шудани китобҳо бо ҳиммату дастгирии дигар роҳбарону ҷавонмардони саховатпеша адади нашрашонро бештар ва сафи "ихлосмандон"-ро зиёд кардан лозим.

ҶАНГИ РУСИЯ ВА УКРАИНА ПОЁН МЕЁБАД?!

Ва бо кадом шарт?

Президенти Амрико Доналд Трамп ва президенти Русия Владимир Путин рӯзи ҷумъа, 15-уми август дар Аляска дар мулоқоти таърихӣ бо ҳадафи ёфтани роҳи ҳалли эҳтимолӣ барои поён додан ба ҷанги 42-моҳаи Русия алайҳи Украина гуфтугӯ карданд.



МУЛОҚОТИ ДЕРИНТИЗОР

Мулоқоти Трамп ва Путинро тамоми ҷаҳон назора мекард. Аввал ҳавопаймои махсуси президенти Амрико дар пойгоҳи муштараки Елмендорф дар наздикии шаҳри Анкорич фуруд омад ва сипас ҳавопаймои ҳомили Путин ба замин нишаст.

Раҳбарони Амрико ва Русия рӯи бонди фурудгоҳ бо якдигар даст доданд ва дар паҳлуи ҳамдигар қадам заданд. Дар ҳоле, ки хабарнигорон аз фосилаи дуртар бо садои баланд аз раҳбарони ду кишвар аз ҷумла, ин ки оё Владимир Путин ҳамлаҳо ба ғайрнизомиёнро қатъ хоҳад кард ва ё бо оташбас мувофиқат мекунад, пурсишҳоеро фарёд мезаданд, маълум набуд, ки оё ин ду раҳбар садои хабарнигоронро шунидаанд ё не.

Сипас президенти Русия ҳамроҳи Доналд Трамп савор бар лимузини раёсати ҷумҳури Амрико шуд, то ба макони баргузории нишаст биравад. Иқдоме, ки хеле кам барои раҳбари як кишвари рақиб анҷом мешавад.

Президентҳои ду кишвар дар макони баргузории нишаст, дар паҳлуи ҳайатҳои ҳамроҳи худ ва дар муқобили пардаи кабуд, ки ибораи "Дар ҷустуҷӯи сулҳ" рӯи он навишта шуда буд, нишастанд.

Трамп гуфт, "хеле сипосгузорам" ва дар ҳоле, ки хабарнигорон бори дигар пурсишҳоеро фарёд мезаданд, аммо ду президент аз посухи онҳо худдорӣ карданд.

Агарчи Доналд Трамп ва Путин аз моҳи январ то кунун дастикам панҷ бор телефонӣ гуфтугӯ кардаанд, нишасти рӯзи ҷумъа нахустин дидори рӯ ба рӯи онҳо дар давраи дувуми президентии Доналд Трамп аст.

БА СОЗИШ НАРАСИДАНД

Доналд Трамп, президенти Амрико эълон кард, ки ӯ ва Владимир Путин пас аз гуфтугуҳое, ки наздик ба се соат дар Аляска идома кард, ба созише барои поён додан ба ҷанги Украина даст наёфтанд. Ӯ ҳамзамон ин мулоқотро "бисёр созанда" хонд.

Президенти Амрико рӯзи ҷумъа дар нишасти хабарии муштарак бо президенти Русия гуфт, "пешрафти олӣ" ба даст омад, аммо "комилан ба натиҷа нарасидаем" ва ҳеҷ созише барои поён додан ба ҷанги Кремл алайҳи Украина ба даст наомадааст.

Президентҳои ду кишвар тақрибан ҳеҷ ҷузъиёте дар бораи он чӣ дақиқан мавриди созиш қарор гирифт ё мавриди ихтилоф будааст, ироа накардаанд.

Трамп дар ин бора гуфт, "мавзуҳои зиёде буд, ки бар сари он созиш кардем. Метавонам бигӯям, чанд мавзӯи муҳим вуҷуд дошт, ки ҳанӯз ба натиҷа нарасидаем, аммо пешрафтҳое ҳосил шудааст. Бинобар ин, то вақте ки ба тавофуқе даст наёфта бошем, созише дар кор нест".

Раҳбарони Амрико ва Русия ҳар кадом чанд дақиқа дар ҳузури хабарнигорон сӯҳбат карданд ва ба ҳеҷ пурсише посух надоданд.

Доналд Трамп ҳамчунин гуфт, пас аз дидор бо Путин, тамосҳое бо НАТО, президенти Украина ва дигар раҳбарони аврупоӣ хоҳад дошт. Ӯ афзуд, "мехоҳам чанд тамоси телефонӣ бигирам ва ба онҳо бигӯям, чӣ рух дод".



Владимир Путин низ дар ин нишасти хабарӣ умедворӣ кард, ки созишҳои бадастомада дар дидори ӯ бо президенти Амрико битавонад оғози ҳалли муноқишаи Украина ва барқарор кардани робитаҳо байни Русия ва ИМА бошад.

МУЛОҚОТ БО ЗЕЛЕНСКИЙ ВА РОҲБАРОНИ АВРУПО

Баъди дидори рӯзи ҷумъаи Трамп ва Путин, расо се рӯз баъд, 18-уми август раисҷумҳури Амрико бо Владимир Зеленский ва роҳбарони кишварҳои аврупоӣ дар Кохи сафед вохӯрд. Ҳарду раисҷумҳур дар Кохи сафед бо хабарингорон худуди 20 дақиқа суҳбат карданд ва ба чанд саволи онҳо посух ҳам гуфтанд.

Доналд Трамп бори дигар аз мулоқоти "хуб"-аш бо Владимир Путин гуфт ва таъкид кард, ки имкони ба даст овардани натиҷа ва баргузории мулоқоти сеҷонибаи Амрико, Украина ва Русия ҳаст.

Ӯ таъкид кард, ки ҳаллу фасли ҷанг дар Украина бояд пойдор бошад. Трамп такрор кард, ки Путин хостори поёни ҷанг дар Украина аст. Аммо ӯ аз замони дақиқи созиш нагуфт. Танҳо зикр кард, ки созиш ва сулҳ бояд пойдор бошад.

Зеленский ба Трамп ва роҳбарони кишварҳои аврупоӣ барои кумакҳояшон изҳори сипос кард ва гуфт, ки онҳо замонатҳои амниятиро баррасӣ кардаанд.

"Мо бо президент Трамп суҳбати бисёр хуб доштем ва ин воқеан суҳбати беҳтарин буд",- афзуд ӯ.

Ҳамчунин ӯ гуфт, ки украиниҳо қавӣ ҳастанд ва аз барномаҳои Трамп дар бораи хатми ҷанг бо "шеваи дипломатӣ" пуштибонӣ мекунанд.

ОҒОЗИ ОМОДАГӢ БА МУЛОҚОТИ ПУТИН ВА ЗЕЛЕНСКИЙ

Пас аз анҷоми мулоқоти дуҷониба, Трамп ва Зеленский бо Эммануэл Макрон, раисҷумҳури Фаронса, Фридрих Мертс, садри аъзами Олмон, Кир Стармер, нахуствазири Британияи Кабир, Ҷорҷа Мелонӣ, нахуствазири Италия, Александр Стубб, раисҷумҳури Финландия, Урсула фон дер Ляйен, роҳбари Комиссияи Аврупо ва Марк Рютте, дабири кулли НАТО мулоқоти бисёрҷониба доир карданд.

Қабл аз ин мулоқот, аксар таҳлилгарон ба он ишора карданд, ки сафари роҳбарони кишварҳои аврупоӣ ба Вашингтон "намоиши ҳамбастагӣ бо Зеленский" ва талоши таъмини замонати амниятӣ барои Аврупо аст.

Воқеан, аксари ин роҳбарон дар бораи замонати амниятӣ барои Украина дар доираи "моддаи 5" сухан карданд. Ин ишора ба моддаи 5-и оинномаи НАТО аст, ки мегӯяд, "ҳуҷум ба як кишвари узв, ҳуҷум ба кулли кишварҳои аъзо арзёбӣ мешавад".

Аммо мавқеи Амрико дар ин маврид пас аз мулоқот ҳам норӯшан монд. Ҳарчанд Трамп гуфт, дар таъмини "замонати амниятӣ ба Украина" саҳм мегирад, аммо мушаххасан аз "моддаи 5" ҳарф назад. Пештар аз ин, Трамп чанд маротиба гуфта буд, ки Украина ҳеҷ гоҳ ба НАТО пазируфта намешавад. Ин талабе, ки Русия ҳам пеш гузоштааст ва яке аз сабабҳои оғози ҷангашро ба талоши пайвастани Украина ба ин созмони ҳарбӣ рабт медиҳад.

СУҲБАТ БО ПУТИН

Пас аз ин мулоқот Доналд Трамп бо Владимир Путин суҳбати телефонӣ анҷом дод. Юрий Ушаков, мушовири сиёсати хориҷии раисҷумҳури Русия тасдиқ кард, ки Путин ва Трамп ҳудуди 40 дақиқа телефонӣ суҳбат кардаанд ва зимни он Трамп ба Путин дар бораи музокироташ бо Зеленский ва роҳбарони кишварҳои аврупоӣ маълумот додааст.

Ушаков гуфт, раисҷумҳурон барои идомаи музокироти мустақими ҳайатҳои Русия ва Украина ва боло бардоштани сатҳи намояндагии Русия дар ин музокирот тавофуқ кардаанд.

Баъдан Трамп гуфт, бо раисҷумҳур Путин телефонӣ суҳбат кардааст ва дар бораи оғози омодагӣ ба мулоқоти Путин ва Зеленский хабар дод. Ӯ зикр кард, ки макони мулоқот бояд дақиқ шавад. Пас аз он, ба қавли Трамп, мулоқоти сеҷонибаи ӯ бо раисҷумҳурони Русияву Украина баргузор мешавад.

Зеленский ҳам гуфт: "Мо омодаи мулоқот дар ҳар қолаб дар сатҳи роҳбарон ҳастем. Аз ин лиҳоз ман тасдиқ кардам ва маро ҳамаи роҳбарони кишварҳои аврупоӣ ҷонибдорӣ карданд, ки ба мулоқоти дуҷониба омодаем". Ӯ таъкид кард, ки "масъалаи қаламрав танҳо миёни ман ва Путин баррасӣ мешавад".

Оянда чӣ мешавад, вақт нишон хоҳад дод. Вале аксари коршиносон бар онанд, ки поёни ҷанги Русия ва Украина наздик аст ва дур нест он рӯз, ки ду кишвар сари мизи музокирот нишинанд. Музокироте, ки натиҷаи он бештар ба манфиати Русия хоҳад буд.



СӮХТОР ДАР ВАРЗИШГОҲИ НАВИ ПОЙТАХТ

Субҳи 20-уми август дар қисме аз Варзишгоҳи нави Душанбе, ки ҳоло сохтмони он ҷараён дорад, сӯхтор сар зад. Мақомот дар шарҳи қазия гуфтаанд, ки сӯхтор дар минтақаи ҷамъоварии қуттиҳои холии чӯбин, масолеҳи сохтмонӣ ва таҷҳизоте, ки истифода шудаанд, рух додааст. Аммо сабаб ва масоҳати онро нагуфтанд.

Ду манбаъ дар чойи ҳодиса ба “Азия-Плюс” гуфтаанд, ки сӯхтор дар натиҷаи расидани шуълаи асбоби кафшергарӣ ба рӯйи тахтаҳое, ки барои пухтани хӯроки коргарон ҷамъоварӣ гардида буданд, сар задааст.

“Як бинокори варзишгоҳи нав гуфт, ки сӯхтор дар натиҷаи ба дохили деги равған афтодани шуълаи асбоби кафшергарӣ рух додааст.

Ба гуфтаи ӯ “кормандон барои хомӯш кардани оташ ба дег об рехтаанд, ки дар натиҷа оташ аланга гирифтааст”,- менависад манбаъ.

Аз Сарраёсати Хадамоти оташнишонӣ дар пойтахт ба “Азия-Плюс” гуфтаанд, ки сӯхтор тахминан соати 10:40 дақиқа рух дода, бо 10 нақлиёти оташнишон соати 11:20 пурра хомӯш карда шуд.

Дар пайи сӯхтор, ба қавли мақомот, касе осеб надида, зарари молӣ ҳам сабт нашудааст.

Гуфта мешавад, ки сӯхтор дар ошёнаи якуми варзишгоҳ сар зада, то дуюм ошёна баромадааст.


Ёдовар мешавем, ки Варзишгоҳи нави Душанбе дар майдони 9,5 гектар барои 30 ҳазор тамошобин сохта мешавад. Масоҳати майдони футболи варзишгоҳ 105 ба 68 метр аст. Лоиҳа тавассути ширкати чинӣ дар доираи дастгирии лоиҳаҳои ФИФА амалӣ мешавад.

Сохтмони ин майдон ҳанӯз соли 2019 оғоз ёфта буд ва интизор мерафт, ки соли 2021, дар ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ба истифода дода шавад. Вале дар ин вақти гуфташуда сохтмон ба анҷом нарасид. Сабаби дар вақти зарурӣ ба итмом нарасидани сохтмони варзишгоҳ номаълум аст.

Масъулин соли гузашта гуфтанд, ки Варзишгоҳи нави шаҳри Душанбе соли 2026 дар ҷашни 35-солагии Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтитоҳ мешавад.

Афзоиши музди миёнаи меҳнат дар Тоҷикистон

бо сомонӣ



Манбаъ: Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ

ВАЗОРАТИ МАОРИФ

Фурӯши либос дар мактаб манъ аст



Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон бо нашри як изҳорот эълон кард, ки дар дохили муассисаҳои таълимӣ хариду фурӯши либоси мактабӣ қатъиян манъ аст.

Ба иттилои ниҳод, вазорат танҳо тарҳи либосҳоро тавсия медиҳад ва дар дӯхт, таъмин ё фурӯши онҳо иштирок надорад.

Ин изҳорот дар ҳоле нашр шуд, ки шикояти волидайн аз мачбур кардани онҳо ба хариди либоси мактабӣ аз ширкатҳои муайян зиёд гардидааст.

Мавзӯи мачбур кардани волидайн ба хариди либоси мактабӣ аз ширкатҳои алоҳида чанд сол боз баҳсбарангез аст.

Мақомот пештар гуфта буданд, ки барои рушди саноати ватанӣ харид аз истеҳсолкунандагони тоҷикро тавсия медиҳанд, аммо волидон борҳо аз сифати пасти либосҳо шикоят кардаанд.



ОҒОЗИ ТАҚДИМИ «ШОҲНОМА» БА ҲАР ХОНАВОДА

Тақдими китоби “Шоҳнома”-и Абдулқосим Фирдавсӣ аз шаҳру навоҳии Вилояти Мухтори Кӯҳистон Бадахшон (ВМКБ) оғоз шуда, ҳоло тақсими он дар навоҳии минтақаи Рашт идома дорад. Ба ҳар оила як ҷуфт китоб, ки ду ҷилди 1200-саҳифаиро дар бар мегирад, тақдим мешавад.

Қарор аст, ки то оғози соли 2026 “Шоҳнома” пурра ба аҳолии кишвар тақдим шавад.

Китоби “Шоҳнома” аз ҳисоби Фонди захиравии президенти Тоҷикистон нашр мешавад. Онро нашриёти “Шарқи озод”-и Дастгоҳи иҷроияи президент ба табъ мерасонад.

Дар пешгуфтори китоб ишора шудааст, ки ин китоб тухфа аз номи Эмомалӣ Раҳмон, президенти кишвар ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатӣ аст.

Бояд гуфт, дастур дар бораи нашр ва тақдими ройгони китоби “Шоҳнома” ба аҳолии кишвар моҳи декабри соли 2023 аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон, раисҷумҳури Тоҷикистон дар Симпозиуми байналмилалӣ ба ифтихори 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров ироа гардида буд.


Ёдовар мешавем, ки қабл аз ин китоби “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров низ бо мақсади омӯзиши амиқи таърихи халқи тоҷик аз ҳисоби Фонди захираи Президенти Тоҷикистон чоп гардида, ба ҳар оила дастрас гардида буд.

ВАҚТЕ КИ ҲАҚИҚАТ ТИР ХЎРД

(Идома аз шумораҳои гузашта)



НАҶИБУЛЛОҲ - ОХИРИН ТАЛОШ, АММО ДЕР ВА НОПУРРА



Наҷиб, ки мехост бо шиори "Оштии миллӣ" ва "Ислоҳоти демократӣ" кишварро аз гирдоби хун наҷот диҳад, бори дигар ба хатои қадимӣ даст зад - миллатҳоро шинохт, вале дер. Тоҷиконро дид, вале пас аз он ки онҳо аллакай бо хун навишта буданд: мо вуҷуд дорем! Дастгоҳҳои амниятии ӯ пури тоҷикон буд, вале садои тоҷикӣ дар минбарҳои давлатӣ намеомад. Ҳарчанд худ шояд бохабар буд, ки решаи субот танҳо аз роҳи додани ҳуқуқ ва эътирофи ҳувият мегузарад.

Ӯ нисбати тоҷикон сиёсати Таракиро идома дод.

ЧАРО ТОҶИКОН САРКӮБ ШУДАНД?

1. Шӯравӣ аз эҳёи эҳсоси миллӣ метарсид.

Ба андешаи сиёсатмадорони кӯтоҳандеш ва таассубгарои замони Шӯравӣ, эҳёи эҳсоси миллӣ миёни тоҷикони Афғонистон метавонист ба эҳсоси ҳамбастагии фарҳангӣ бо Тоҷикистони Шуравӣ мусоидат кунад. Ва ин, дар навбати худ, як пули сиёсӣ ва маънавӣ месохт, ки таркиши он метавонист сохтори Шуравиро дар Осиёи Марказӣ зери суол гузорад. Барои ҳамин, аз аввали вуруд, тоҷикон дар зинаи раҳбарӣ ҷой надоштанд. Онҳо ҳамчун тарҷумон, корманди тиб ва фарҳанг қабул шуданд, аммо ба ҳайси шахсони таъсиргузор дар сиёсат не.

2. Пуштунҳо сари қудрат буданд ва шуравиҳо намехостанд бо онҳо низоъ кунанд.

Аксари раҳбарони сиёсӣ, ҳарбӣ ва амниятии Афғонистон аз чумлаи пуштунҳо буданд. Онҳо бо неру ва таъсири таърихии худ дар давлат нақши асосӣ доштанд. Режими Шуравӣ бо онҳо муросо мекард, ҳатто агар медонист, ки ин гурӯҳ сиёсати миллатгароёна ва фишори зеҳниро болои дигар миллатҳо, аз чумла тоҷикон роҳандозӣ мекунад. Барои Шуравӣ устувории зоҳирии ҳукумати "дӯст" аз баробарии ҳақиқии шаҳрвандон муҳимтар буд.

3. Маслиҳатчиёни Шуравӣ аз роҳбар будани тоҷикон ҳарос доштанд.

Онҳо медонистанд, ки тоҷикон аз замони қадим фарҳангсоз, илмпарвар ва неруи қалам дар даст буданд. Забон медонистанд, таърихро мефаҳмиданд, реша доштанд. Барои ҳамин, шуравиҳо тоҷиконро дар нақшҳои "фаннӣ" қабул карданд - тарҷумон, пизишк, корманди фарҳанг. Аммо ҳеҷ гоҳ дар симати фармондеҳ, сиёсатмадор ё музокирачӣ эътироф накарданд. Чаро? Чун медонистанд: тоҷики соҳибҳуқуқ - андешаманд аст ва андешамандро идора кардан душвор аст.

ВА БОЗ ЯК ҲАҚИҚАТ:

Афғонистон ҳамеша кишвари миллатҳо буд, на як миллат.

Кишваре, ки дар он ҳазора ҳаст, ӯзбек ҳаст, туркман ҳаст, қизилбош ҳаст, албатта тоҷик наметавонад бо сиёсати якмиллатӣ устувор монад.

Он касе, ки кӯшид бо як миллати танҳо онро идора кунад - сукут кард.

Он касе, ки кӯшид бо пуштибонии як неруи беруна миллатҳоро фаромӯш кунад - шикаст хӯрд.

Ва он касе, ки забони мардуми худро нодида гирифт, аввалин шуда овози маргро шунид.

Хулосаи таърих:

Афғонистон на ба туфайли идеология, балки ба туфайли шинохти миллатҳо ва эҳтиром ба онҳо метавонад пойдор бошад.

Он гоҳ ки фарҳанг таҳқир шавад, хатар аз берун не, аз дохил сар мезанад.

Тоҷикон, ки дар муқовимат чеҳраҳо, дар фарҳанг решаҳо ва дар зиндагӣ таърих доранд, набояд боз фаромӯш шаванд. Агар боз ҳам фаромӯш шаванд, шояд таърих дигар ин саҳфаро набахшад.

СИЁСАТИ ЯКМИЛЛАТӢ - РОҲИ СУҚУТ

Имрӯз "Толибон" ҳукумати худро бар пояи миллати пуштун ташкил додаанд. Аз сатҳи қарорҳои сиёсӣ то қудрати низомӣ, аксарият, агар нагӯем, ки ҳама миёни пуштунҳоянд. Тоҷикон, ҳазораҳо, ӯзбекҳо, туркманҳо, аймоқҳо ва дигар миллатҳои кишвар аз равандҳои сиёсат ва идоракунӣ канор мондаанд.

Ин роҳ бори аввал нест, ки дар таърихи Афғонистон ҷой дорад, аз ҳукумати Абдурраҳмонхон, Тараки, ҳукмронии Амин ва ҳатто сиёсати нахустини шуравӣ дар солҳои 1980 - ҳама зинаҳои таърихиеанд, ки ҳукумат фақат ба як қавм ё гурӯҳ такя кард ва натиҷаи он фоҷиа буд.

ПЕШГӮЙӢ:

- Агар "Толибон" ба ҳамгироии миллии воқеӣ нарасанд, мухолифати дохилӣ тақвият хоҳад ёфт.

- Ҷунбишҳои муқовимат, бахусус аз сӯи тоҷикон (Масъуди ҷавон ва дигар гурӯҳҳои мусаллаҳ), ба як шохаи пурқувват табдил меёбанд.

- Ихтилофоти дохилӣ дар худи ҳизби "Толибон" низ сар мезанад - зеро ҳама пуштунҳо ҳам яксон нестанд.

ЗИНДАГИИ МАРДУМ - ЗАМИНАИ БЕФАРОВОНИИ СИЁСӢ

Ҳукумати "Толибон" дар солҳои 2021-2025 натавонист вазъи иқтисодиро бехтар кунад. Афзоиши фақр, маҳдудияти ҳуқуқи занон, ихроҷи коршиносон ва баста шудани мактабҳо ҷомеаро зери як навъ фишори устувор қарор додааст. Ин фишор танҳо дар сурати тағйири сиёсати дохилӣ ва эътирофи ҳуқуқи ҳама гурӯҳҳо сабук мешавад.

ПЕШГӮЙӢ:

- Вазъи иқтисодӣ дар сурати баста боқӣ мондани кишвар аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ бадтар мешавад.

- Ҷараёни муҳоҷирати коршиносон, табибон, устодон ва занони фаъол идома меёбад.

- То фурсати охир ҳатто тарафдорони хомӯш низ метавонанд ба муқовимат пайванданд.

САРНАВИШТИ ТОҶИКОН ДАР АФҒОНИСТОН - ХАТАР ВА УМЕД

Тоҷикон пас аз пуштунҳо калонтарин миллат дар Афғонистонанд. Дар баъзе ҳисобҳо ҳатто аз онҳо бештар. Онҳо дар минтақаҳои муҳими стратегӣ ва фарҳангӣ зиндагӣ доранд (Бадахшон, Панҷшер, Тахор, Кобул, Ҳирот).

АММО:

- Тоҷикон дар сохтори ҳукумати "Толибон" ҷой надоранд.

- Забони форсӣ дар корҳои давлатӣ, расонаҳо ва мактабҳо маҳдуд шудааст.

- Символҳо ва шахсиятҳои таърихии тоҷикон (мисли Аҳмадшоҳи Масъуд) мавриди таъқиб ва таҳқир қарор мегиранд.

ПЕШГӮЙӢ:

- Тоҷикон ё ба таъсиси як минтақаи мухтор ва худидорашаванда мекӯшанд, ё тахти фишори густарда ба муқовимати мусаллаҳона рӯ меоранд.

- Агар "Толибон" сиёсати худро тағйир надиҳанд, як "давлати миллӣ" дар дохили Афғонистон ба вуҷуд меояд - ба монанди ҳукумати мухолифи онҳо дар Шимол.

ОЯНДАИ "ТОЛИБОН"

Агар таърих сабақ диҳад, "Толибон" ё маҷбур мешаванд тавсеаи сиёсиро ба роҳ монанд, тамоми миллатҳоро эътироф кунанд ва ҳукумати фарогир ташкил диҳанд, ё мисли ҳамаи ҳукуматҳои якҷониба - фурӯ мерезанд.

Афғонистон дар тӯли таърих зери ҳузури як миллат зинда намондааст - балки бо таҳаммул, эътироф ва тақсими қудрат пойдор будааст.

БО ТОҶИКОН - БАРОИ ТОҶИКОН

(Аз суханони Муродуллоҳ Шерализода, сармуҳаррири "Садои мардум")

Боре ба дафтари кори Шерализода даромадам. Мақолаеро дар бораи ҳувияти миллии тоҷикон, ки муаллифи беруна навишта буд, барои тасдиқ назди ӯ овардам. Ӯ, бо одати маъмулиаш, оромона мутолиа кард. Лаҳзае пас сар боло кард, ба ман нигариста бо шеваи хоси худ гуфт:

- Афсонаву фаҳмиш! Ин аст ҳақиқати бедоркунанда. Ҳаминро дар охири китобат бигузор.

Сипас, бо садои сукутшикан, ки бештар ба сухани як наҷотбахш мемонд, илова кард:

- Тоҷикистони имрӯз - меваи талхи таърих, вале неъмати ширини истиқлол аст.

Вале ин истиқлолро мо танҳо барои худ нагирифтаем. Ин истиқлол масъулиятест - барои онҳое, ки тоҷиканд, вале наметавонанд бигӯянд. Барои онҳое, ки забон доранд, аммо забонашон баста аст. Барои онҳое, ки таърих доранд, вале китобе надоранд, ки онро бихонанд.

Ман борҳо гуфтаам: тоҷикони Афғонистон танҳо як бахши ҷудошуда нестанд - онҳо идомаи нафаси моянд. Ва чун нафаси худро буридем, зинда намемонем.

Агар тоҷик бо тоҷик нанишинад - дигарон аз номи ҳарду менависанд.

Агар тоҷик ба тоҷик нарасад - касе роҳи миёни онҳо намесозад.

Агар тоҷик дарди тоҷикро нафаҳмад - миллат дигар миллат намемонад.

Ман аз Панҷшер то Кобул, аз Қундуз то Душанбе як чизро эҳсос мекардам: тоҷик дар ҳар кучо як гуфтор дорад - вале садояш парешон аст. Ва ҳамин парешонӣ, ҳамин хомӯшӣ имрӯз бузургтарин душмани мост.

Биёед дар ин китоб, дар ин таърих, дар ин сухбат якдигарро биёбем.

То забони ҳамдигарро бифаҳмем.

То шеъри якдигарро бихонем.

То фарзандонамон якдигарро фаромӯш накунанд.

Ва ҳамеша дар ёд дошта бошем:

Тоҷикон, ки фаромӯш шуданд - таърих хамӯш шуд.

Тоҷикон, ки бедор шуданд - миллат нур дид.

Он рӯз ман аз дафтари Шерализода бо як матни тасдиқшуда набаромадам.

Ман бо як васият баргаштам...

(Давом дорад)

ОМОР



$767 МИЛЛИОН БАРОИ ВОРИДОТИ СӮЗИШВОРӢ

Хароҷоти моҳонаи Тоҷикистон барои хариди маводи сӯхт аз кишварҳои хориҷӣ ба ҳисоби миёна ба 110 миллион доллар мерасад. Дар ҳафт моҳи аввали соли равон ҳаҷми умумии воридоти сӯзишвории минералӣ ва маҳсулоти нафтӣ ба кишвар қариб 767 миллион долларро ташкил додааст. Ин омор дар асоси маълумоти Хадамоти гумруки Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

МАНБАЪҲОИ АСОСИИ СӮЗИШВОРӢ

Қисми зиёди маводи сӯхти воридшаванда аз кишварҳои узви Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, пеш аз ҳама Русия ва Қазоқистон ба Тоҷикистон интиқол дода мешаванд. Ин ду кишвар солҳост, ки таъминкунандаи аслии сӯзишворӣ барои Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд. Воридоти маводи сӯхт ба Тоҷикистон бо вуҷуди имтиёзҳои гумрукӣ дар доираи ҳамкориҳои дохили ИИАО, ҳамоно хароҷоти калонро талаб мекунад. Ба ҳисоби миёна, ҳар моҳ тақрибан 110 миллион доллар танҳо барои таъмини бозори дохилӣ бо сӯзишворӣ сарф мешавад.

АЗ ВОБАСТАГӢ ТО ХАТАРҲОИ ЭҲТИМОЛӢ

Ба андешаи коршиносон, вобастагии баланд ба маҳсулоти воридотӣ, бахусус дар бахши муҳими иқтисодӣ, ба монанди энержӣ, Тоҷикистонро дар ҳолатҳои тағйирёбии нархи ҷаҳонии нафт ё ноустувории сиёсиву иқтисодӣ дар кишварҳои таъминкунанда, осебпазир мекунад. Бо назардошти вазъи геополитикӣ дар минтақа ва таҳаввулоти ҷаҳонӣ, кам кардани вобастагии энергетикӣ метавонад яке аз самтҳои стратегии рушди устувори кишвар бошад.

Таҳлилгарон тавсия медиҳанд, ки барои таъмини амнияти энергетикӣ ва иқтисодии кишвар, Тоҷикистон бояд дар чанд самт фаъолона иқдом кунад. Пеш аз ҳама, гуногунсозии манбаъҳои воридот - таваҷҷуҳ ба дигар таъминкунандагони эҳтимолӣ, ба мисли Туркманистон, Эрон...

Рушди инфрасохтори дохилӣ, аз ҷумла захирагоҳи стратегӣ ва эҳтимоли коркарди маҳсулоти нафтӣ дар дохили кишвар аз омили дигар имкони коҳиш аз вобастагии сӯзишворӣ аст.

Дар шароити имрӯз, тақвияти сиёсати энергетикӣ ва таҳкими амнияти иқтисодӣ яке аз самтҳои муҳими рушди кишвар маҳсуб меёбад. Коршиносон чунин мешуморанд, ки маводи сӯхт ҳамчун муҳаррики иқтисоди миллӣ набояд танҳо ба воридот вобаста бошад.

НАМОИШГОҲ

1000 ТОННА МАҲСУЛОТИ ТОҶИКИСТОН ДАР ОСТОНА

Рӯзҳои 16-17-уми августи соли равон дар шаҳри Остонаи Қазоқистон Намоишгоҳи маҳсулоти кишоварзӣ, саноатӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва таомҳои миллии Тоҷикистон баргузор шуд.



Ба иттилои хадамоти матбуоти раиси вилояти Суғд, дар намоишгоҳ беш аз 1000 тонна маҳсулот аз ҷониби кишоварзон, ҳунармандон ва корхонаҳои саноатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ба намоишу фурӯш бароварда шуд.

Намоишгоҳ дар масоҳати 4 ҳазору 500 метри мураббаъ ташкил гардид. Ҳадафи он муаррифии имкониятҳои иқтисодӣ, кишоварзӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар Қазоқистон мебошад.

Усмон РАҲИМЗОДА

МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ

ЧӢ ГУНА КӮДАКРО БО ПУЛ ВА САРМОЯГУЗОРӢ ОШНО КУНЕМ?

Имрӯзҳо муносибат бо пул, фаҳмиши молия бештар аҳамият пайдо мекунад. Махсусан, истифодаи дурусти пул ба як малакаи зарурӣ табдил ёфтааст. Ҳар қадар кӯдак аз хурдӣ бо асосҳои молиявӣ ошно шавад, ҳамон қадар дар зиндагии баъдӣ худро озоду мустақил ҳис мекунад. Умуман, доштани саводи молиявӣ танҳо ҳисоб кардани пул нест. Он ба нақша гирифтани хароҷот, арзёбии меҳнат ва қабули қарорҳои дуруст низ мебошад. Кӯдаконе, ки аз хурдӣ малакаҳои зеринро меомӯзанд, дар оянда барои расидан ба ҳадафҳои худ омодаву пухта мешаванд.

АЗ ЧАНДСОЛАГӢ БОЯД ОҒОЗ КАРД?

Аз синни 3-4-солагӣ. Кӯдак аллакай мафҳумҳои "бисёр" ва "кам"-ро мефаҳмад. Дар ин марҳила бозии «мағоза» хеле муфид аст: Кӯдак бозичаҳоро бо тангаҳои монанд ба бозича мехарад.



Аз синни 7-8-солагӣ. Одатан дар ин синну сол кӯдакон дар ҷайби худ пул мегиранд. Беҳтарин вақт аст, то ба онҳо пасандоз, фарқи байни «лозим» ва «мехоҳам» ва банақшагирии хароҷотро омӯзонем. Чӣ гуна равандро шавқовар кардан мумкин аст? Бо бозиҳои шавқовар ва барномаҳои ҷолиб. Бозиҳои монанди «Cashflow for Kids» кӯдакро бо буҷет ва сармоягузорӣ ошно мекунанд. Барномаҳои мобилӣ, мисли PiggyBot ва Bankaroo имкон медиҳанд, ки кӯдак амалӣ пасандозу хароҷоташро пайгирӣ кунад.

Нақшбозӣ низ барои фаҳмиши молиявии кӯдак муфид аст. Масалан, «рӯзи бонкӣ» ташкил кунед. Барои корҳои хонагӣ кӯдак «музд» мегирад ва баъдан онро барои чизе сарф мекунад. Ҳамин тавр, мефаҳмад, ки пул аз меҳнат ба даст меояд. Ё амали дигар, ки агар хоҳед фарзандатон донотар шавад, ба ӯ бар ивази аз худ кардани забонҳои хориҷӣ ё дарсҳои иловагӣ бо пул ҳавасманд кунед. Барояш хариди планшет ё он чиро, ки завқ дорад, ваъда диҳед. Яъне, ин ӯро дилгарм мекунад ва минбаъд донишомӯзӣ ба амали пайваста табдил меёбад.

Агар фарзанд мехоҳад бозича ё китоб харад, ба ӯ кумак кунед, ки барои он пасандоз кунад.

4 МАСЛИҲАТ БА ВОЛИДОН

Якум, аз ҷайби худ пул диҳед ва баъдан аз кӯдак пурсед, ки чӣ гуна онро сарф кардааст.

Дуюм, дар банақшагирии буҷаи оила имкон диҳед, ки фарзандатон ҳузур дошта бошад. Масалан, ҳангоми хариди хона якҷо тасмим гиред.

Сеюм, дар вақти харид молу маҳсулот, нархҳоро муқоиса кунед. Тахфифҳоро ҷустуҷӯ намоед, то маблағи боқимонда хароҷоти дигарро пӯшонад.

Чорум, ба хайрхоҳӣ одат кунед. Кӯдак дар пайравӣ ба шумо метавонад як қисми хурди пулашро барои кумак ба дигарон ҷудо кунад.

Хулоса, саводнокии молиявӣ аз хурдӣ бо роҳи бозӣ ва тачрибаи рӯзгор омӯзонида шавад, беҳтар аст. Мақсад аз кӯдак муҳосиб, яъне хазинадор сохтан нест. Ба ӯ эътимод, фаҳмиши дурусти пулу муносибат ба сарвати оила зарур аст, то дар оянда мустақилона қарорҳои молиявӣ қабул карда тавонад. Вагарна, дороиву сарвати бо заҳмат ҷамъшудаи волидайн аз дасти фарзанди нозукиҳои молияviро намефаҳмида бо панҷшоха барбод меравад.

Сафири Туркия:

ГАРОНИИ БИЛЕТИ ҲАВОПАЙМО ДАР ДУШАНБЕ АЗ НАРХИ СӮЗИШВОРӢ АСТ

САФИРИ ТУРКИЯ ДАР ТОҶИКИСТОН УМУТ АҶАР ГУФТ, КИ ЯКЕ АЗ САБАБҲОИ ГАРОНИИ БИЛЕТИ ҲАВОПАЙМО БА ДУШАНБЕ ҚИМАТИ БАЛАНДТАРИ СӮЗИШВОРИИ АВИАТСИОНӢ ДАР ИН ШАҲР АСТ.



Ӯ дар саҳифаи Facebook навиштааст, ки “дар Душанбе ҳоло гаронтарин сӯзишворӣ дар ҷаҳон фурӯхта мешавад, ки ин мустақиман ба қимати билетҳои ҳавопаймо таъсир мерасонад”.

Ба гуфтаи ӯ, ширкати ҳавопаймоии “Turkish Airlines” барои ҳар тонна сӯзишворӣ дар Душанбе 1780 доллар пардохт мекунад. Дар ҳамин ҳол, ширкати “Somon Air” дар Истанбул ҳамон миқдор сӯзишвориро бо 930 доллар дастрас менамояд.

“Агар нархи сӯзишвории ҳавонавардӣ дар Душанбе поин бурда шавад, билети ҳавопаймо низ арзон хоҳад шуд”,- таъкид кардааст Аҷар.

Ӯ афзудааст, ки мақомоти Тоҷикистон аллакай нархи хидматрасониҳои мухталифро дар фурудгоҳи Душанбе кам карданд, ки ин билети ҳавопаймоҳоро андаке арзонтар кардааст. Бо вуҷуди ин, ба гуфтаи сафир, барои поин бурдани ҷиддии нархи билетҳо зарур аст, ки сӯзишворӣ арзон гардад.

Ҳамчунин, Сафири Туркия хабар дод, ки аз моҳи августи соли ҷорӣ парвозҳои “Turkish Airlines” миёни Истанбул ва Душанбе то панҷ маротиба дар як ҳафта зиёд шудаанд.

10 КИШВАРЕ, КИ ТОҶИКИСТОН МАҲСУЛОТ СОДИР КАРДААСТ

ТОҶИКИСТОН ҲАҶМИ СОДИРОТИ МАҲСУЛОТАШРО БА ХОРИҶ АФЗОИШ ДОДААСТ. ТИБҚИ ОМОРИ РАСӢ, ДАР НИМСОЛАИ АВВАЛИ СОЛИ 2025 ГАРДИШИ САВДОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН 4,7 МИЛЛИАРД ДОЛЛАРРО ТАШКИЛ ДОДААСТ, КИ НИСБАТ БА ҲАМИН ДАВРАИ СОЛИ ГУЗАШТА 316,8 МИЛЛИОН ДОЛЛАР Ё 7,2% БЕШТАР АСТ.



Ҳамин тариқ, содироти маҳсулоти Тоҷикистон ба истиснои металлу сангҳои қиматбаҳо 953,1 миллион долларро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 255,1 миллион доллар ё 36,6 фоиз зиёд аст.

Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ Тоҷикистон ба 50 кишвари хориҷи дуру наздик маҳсулот содир кардааст.

Қобили зикр аст, ки Тоҷикистон дар шаш моҳ ба хориҷи кишвар беш аз 90 ҳазор тонна маҳсулоти кишоварзӣ содирот кард, ки зардолуи хушк ва меваи хушки омехта дар феҳрист дар ҷойи аввал қарор доранд.

Ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ:

МАБЛАҒГУЗОРИИ МАҚСАДНОКИ ЧОРАБИНИҲО ТАЪМИН МЕГАРДАД

ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ЗИМНИ ЯКЕ АЗ БАРОМАДҲОИ ХУД ТАЪКИД ДОШТАНД, КИ «ПЕШБУРДИ ОҚИЛОНАИ СИЁСАТИ МОЛИЯВӢ ВА МУЪТАДИЛИИ ОН ДАР ҲАМА ДАВРУ ЗАМОНҲО ОМИЛИ АСОСИИ УСТУВОРИИ ДАВЛАТ МЕБОШАД».





Раёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ дар ҳамкорӣ бо нозироти андоз ва дигар сохторҳои дахлдор баҳри дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, чиҳати иҷрои супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарияти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025” дар ҳафт моҳи соли 2025 корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст.

Бино ба иттилои сардори Раёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ Сафарзода С., нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллии ноҳия дар ҳафт моҳи соли ҷорӣ ба андозаи 100,5 фоиз таъмин гардида, ба буҷети маҳаллӣ 37315,3 ҳазор сомонӣ маблағ ворид гардидааст, ки нисбати нақшаи пешбинигардида 183,2 ҳазор сомонӣ зиёд буда, нисбати ҳамин давраи соли гузашта 4,5 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Бақияпулии андоз ба ҳолати 1-уми июли соли 2025 ба маблағи 7069,7 ҳазор сомонӣ буда, нисбати аввали соли 2025 (7681,6) 611,9 ҳазор сомонӣ кам гардидааст.

Қисми хароҷоти буҷети маҳаллии ноҳия дар ҳафт моҳи соли ҷорӣ ба андозаи 97,0 фоиз таъмин гардидааст, маблағи (нақша 103 млн 484 ҳазор сомонӣ) 100 млн 404 ҳазор сомонӣ равона карда шудааст.

Аз маблағи умумии хароҷот 96 млн 010,3 ҳазор сомонӣ ба соҳаҳои иҷтимоиёт, аз ҷумла маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фарҳанг ва варзиш равона гардидааст, ки 97,2 фоизи хароҷотҳоро дар бар мегирад.

Номгӯи даромади андозҳо	Нақшаи аниқшуда дар ҳафт моҳи соли 2025	Иҷроиш дар ҳафт моҳи соли 2025	%
Мақомоти иҷроия	3253,8	3153,9	96,9
Соҳаи мудофиа	395,6	315,6	79,8
Соҳаи маориф	78976,8	77076,7	97,6
Соҳаи тандурустӣ	18844,4	18044,5	95,8
Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ	133,4	133,4	100,0
Соҳаи манзилию коммуналӣ	578,0	528,1	91,4
Соҳаи маданият	805,4	755,4	93,8
Соҳаи хоҷагии қишлоқ	194,5	164,6	84,6
Нақлиёт ва коммуникатсия	291,6	231,7	79,4
Дигар хароҷотҳо	10,7	0	0
Ҳамагӣ:	**103484,7**	**100403,9**	**97,0**

Таҳлили иҷроиши қисми хароҷоти буҷети маҳаллӣ аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодии буҷетӣ нишон медиҳад, ки то ба имрӯз дар назди муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ аз ҳисоби моддаҳои ҳимояшаванда қарздорӣ вуҷуд надорад.

Мувофиқи ҳисоботҳои пешакӣ музди меҳнат ва рухсатпулии омӯзгорон 17 млн 537 ҳазор сомониро ташкил менамояд, ки то ба имрӯз пурра пардохт гардидааст.

Сафарзода С. меафзояд, ки Раёсати ВМ ҶТ дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ дар оянда низ чиҳати саривақт таъмин намудани нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллии ноҳия, иҷрои қарору супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия тамоми чора ва имкониятҳои иловагиро роҳандозӣ менамояд.

- Кӯшиш ба харҷ медиҳем, то дар доираи даромади маблағҳои андозӣ маблағгузории мақсаднок ва самараноки чорабиниҳоеро, ки дар семоҳаи сеюми соли 2025 пешбинӣ шудаанд, таъмин намоем,- мегӯяд ӯ.

Машраби АЛОВИДДИН







ЯК МУСАЛМОН ҲАСТ, ОН ҲАМ АРМАНИСТ

Қариб барои ҳама ин қитъаи Парвини Эътисомӣ ошност:

Воизе пурсид аз фарзанди хеш:
"Ҳеч медонӣ мусалмонӣ ба чист?
Сидқу беозорию хидмат ба халқ
Ҳам ибодат, ҳам калиди
зиндагист!".
Гуфт: "З-ин меъёр андар
шаҳри мо
Як мусалмон ҳаст,
он ҳам арманист".

Ҳар вақт ки ин қитъаро ба забон меовардам, ба худ меандешидам, ки ба эҷоди ин шеър чӣ воқеае ангеза шуда бошад? Вақте тасодуфан аз "Ютуб" дар бораи марди масеҳохислати армание як видеоро тамошо кардам, ба пурсиши хеш посух ёфтам.

Назар ба маълумотҳо, дар хиёбони Саъдии Рашти Эрон минтақае ҳаст, ки сокинонаш арманитаборанд. Дар он минтақа мазоре ҳаст мутааллиқ ба як инсони озода ба номи Арсен Миносён (Манасян), ки зиёраттаронаш новобаста аз дину мазҳаб аксари аҳли хиради Эронанд.

Арсен Миносён дар оилаи арманиёни муҳоҷир дар шаҳри Рашт зода шудааст. Падару бобоёнаш ҳангоми қатли оми арманиҳо аз ҷониби туркҳо аввал ба Табрез ва аз он ҷо ба Рашти хиттаи Гелон паноҳ бурдаанд.

Арсен даврони ибтидоии мадрасаро дар шаҳри Рашт сипарӣ намудааст, ки он айём Эронро фақри саросарӣ фаро гирифта буд.

Овардаанд, ки рӯзе модараш барои Арсен палто (полту)-е харидорӣ мекунад ва дар ҳангоми ба мадраса рафтанаш ба вай мепӯшонад, аммо дар баргашт Арсен палторо дар бар надошт... Вақте модар савол медиҳад, мегӯяд, яке аз ҳамдарсҳои мусулмонаш либоси муносиб надоштааст, палторо ба вай бахшидааст.

Баъдҳо Арсен ба дорусозии тачрибӣ рӯ овард, зеро он айём дар кишвар бемории домана (тиф) паҳн гардида буд. Шуҳрати Арсен аз ҳамин ҷо шуруъ шуд. Он марди бузург ғолибан мушоҳида мекард, афроде ҳастанд, ки ҳатто ҳазинаи дорухои худро надоранд ва ё ба далели фақр аслан дастрасӣ ба дору надоранд, зеро он замон Эрон дучори фақри фарогир будааст. Арсен бо ҳазинаи худаш нимашабҳо ба самти Теҳрон роҳ пеш мегирифт ва субҳҳангом дар Теҳрон дорухои мавриди ниёзи дардмандонро харидорӣ ё таъмин мекард ё маводи онро таҳия карда, сипас зуҳрҳангом худашро ба Рашт мерасонд ва баъд аз зуҳр дорухои мавриди ниёзи мардуми фақирро ба як севумқимати воқеӣ байни эшон тақсим мекард.

Дар ибтидо иддае аз кӯтаҳфикрон алайҳи он абармард даст ба иттиҳомзанию шоеапароканӣ карданд ва бо таъкид бар арманӣ будани вай дорухоро ҳаром донистанд. Чанд бор Арсен ба хотири ҳамин ноҷавонмардиҳо ва иттиҳомот ба зиндон афтод, аммо он озодамард азм дошт, ки Масеҳи Рашт бишавад! Зиндагии худро фурӯхт ва дорухонае ба роҳ андохт, то кам-кам аз мардуми Рашт ва навоҳии атрофи он ба ниятҳои он озодамард эътимод карданд. Дорухонаи Арсен табдил шуд ба қибла ва маъвои бепаноҳон ва беморони Рашт.

Аммо Арсен хаста нашуд, он қадар пеш рафт ва бузургмардӣ ба харҷ дод, то уламои Рашт ба дидори ӯ рафтанд. Он замон имомии ҷамоати масҷиди ҷомеи Рашт дар ихтиёри ҳазрат Оятуллоҳ Зиёбарӣ буд. Оятуллоҳ ба ҳарим ва озодагии Арсен эътиқод пайдо кард ва даст дар дасти он бузургмард гузошт ва аввалин дорухонаи шабонарӯзии Эронро дар шаҳри Рашт бино ниҳоданд. Мардуми фақири хиттаи Гелон аз ҳар дину мазҳаб ба дорухонаи Арсен рӯ меоварданд. Тоҷирони шаҳр пули худро ба Оятуллоҳ Зиёбарӣ медоданд ва Оятуллоҳ низ пулро бо ду даст тақдими Арсен менамуд, то сарфи ҳазинаи дорую дармони фуқаро шавад. Баъдҳо Оятуллоҳ Зиёбарӣ ва Арсен Миносиён барои сару сомон додан солмандони бесарпараст аввалин саройи солмандони Эронро дар шаҳри Рашт ва бо ҳазинаи шахсе ва кумаки бозориёни Рашт таъсис намуданд ва бидуни ҳатто як риёл кумак аз давлати вақт пазирои солмандони бемор, бекасу кор аз саросари Эрон шуданд. (Зикраш бамаврид аст, ки Арсен Миносён асосгузори аввалин парасторгоҳи ҳайвоноти велгарду бесоҳиби Эрон ҳам ҳаст). Мегӯянд, дар як гӯшаи дорухонаи Арсен қуттии хайриявие монда буданд. Ҳар ниёзманди дору меомад ва ҳар қадар дору мехост, мегирифт, агар пул дошт, ба он қуттӣ меандохт ва агар надошт, сипосе мегуфту берун мерафт. Ин аст, ки агар дар ягон дорухонаи дигари Эрон тасодуфан ниёзманде баъд аз гирифтани дору пул додан аз ёдаш мебаромад, доруфурӯшон садо мекарданд: "Ҳон, ин ҷо доруфурӯшии Арсен, ки нест!".

Соли 1356 он озодамард, дар ҳоле ки дар саройи солмандони Рашт дар ҳоли хидматрасонӣ буд, яъне дар ҳангоми кор даргузашт ва мардуми хиттаи Гелонро дар азои фироқи худ монд. Он рӯз чӣ мардуми зиёде ба ҷаноза Масеҳи Рашт расида буданд!

Ҷаноза соатҳо рӯйи дасти мардум буд ва имкони дафн пайдо намекард.

Бар рӯйи тобути як масеҳӣ чандин имоми содоти бузурги Гелон гузошта шуда буд. Мардум такбиргӯёну салавотфиристон ҷаноза як арманиро иҳота мекарданд. Дар ибтидо мусулмонон иҷозаи дафни он абармардро дар қабристони арманиҳо намедоданд ва мехостанд ӯро дар қабристон мусулмонон дафн кунанд, аммо бо миёнҷигарии уламо ва сарфи вақти зиёд ҷаноза ба калисои Рашт расид. Соатҳо мардуми Рашт калисоро монанди масҷид дар бар гирафтанд ва он рӯз мусулмон ва арманӣ як Хонаи Худо доштанд ва он ҳам калисои кӯчаки Рашт буд. Ниҳоят ҷасади он озодамардро дар ҳамон ҷо дафн карданд.

Оре, Арсен Миносён унвон Масеҳи Раштро пайдо кард ва дар ҳангоми марг сари сӯзане мол ё амвол дар ин дунё надошт, аммо дунёеро дар сӯги худ нишонд. Шояд арҷ ва қурби ин марди арманӣ дар пеши Офаридагор аз бисёре мусулмонон, ки хидмате ба миллат накардаанд, бештар бошад.

Ҳеҷ шакке нест, ки бонуи хирад Парвини Эътисомӣ ин қитъаи хешро ба Масеҳи Рашт бахшида бошад, зеро ӯ дар замоне зиставу эҷод кардааст, ки номи Арсен Миносиён дар сари забони эрониён буд.

Воқеан, бузургонро бузургони дигар поянда медоранд!

... Гуфт: "З-ин меъёр
андар шаҳри мо
Як мусалмон ҳаст,
он ҳам арманист...

Таҳияи Марямбонуи ФАРҒОНӢ

ЗАБОНИ ФОРСӢ ВА ДУДМОНИ ОФОҚ ХОҶАҲОИ КОШҒАР

Дар наздикии шаҳри Кошғар дар Чин оромгоҳе ҳаст, ки ба хонадони Офоқ Хоҷаҳо - фармонравоёни Кошғар дар садаҳои XVII-XIX тааллуқ дорад. Он оромгоҳ дар соли 1640 сохта шуда, дар дохили муҳавватаи он масҷид, мадраса ва бӯстон ҳам ҳаст. Дар гӯристони мазкур 72 намояндаи Офоқ Хоҷаҳо аз панҷ насли он хонадон, аз ҷумла набераи Офоқ Хоҷа - Ипорхони маъруф ба Хотуни хушбӯ (номи чиниаш Сян Фэй) ба хок супурда шудаанд.



Шаҷараи хонадони Офоқ Хоҷаҳо ба Сайид Аҳмад Ҷалолуддин Хоҷаи Косонии маъруф ба Махдуми Аъзам, бунёнгузори тариқати даҳбедияи нақшбандия мерасад. Ҳукумати Офоқҳоҷаҳо дар Кошғар бо тасарруф шудани Йеттишаҳр аз сӯи Яъқуббеки Бадавлат дар соли 1865 ба поён мерасад. Зимнан, ин ҳамон Яъқуббеки пискандӣ аст, ки дидаю дониста ба номаҳои ба забони туркӣ навиштаи Фармондори кулли Туркистони Русия К. П. Кауфман ба забони форсӣ номаҳои ҷавобӣ менавишт.

Меъмории оромгоҳ бо гунбаду сутуну ҳунарҳои чӯбкориву наққошию кошинкорию муқарнасҳояш ба осори таърихии Вароруду Эрон ҳамсонии шигифтангезе дорад.

Аммо он чӣ ки дар ин матлаби кӯтоҳ мехостам таваҷҷуҳи хонандагонро ба он ҷалб кунам, ҳамоно ҳузури пурранги катибаҳои форсӣ дар он оромгоҳ аст, хусусан дар токи дарвозаи вурудӣ, равоқи масҷид ва сангҳои мазори аъзои он хонадон. Бар рӯи сангҳои мазор таърихи вафоти ҳар мадфун бо тарзи абҷад набишта шудааст. Аммо катибаҳое, ки аҳамияти бештар доранд, мусалламан матнҳои рӯи токи дарвозаи вурудии оромгоҳ ва абёти форсиест, ки бар равоқи масҷид китобат шудаанд. Мутаассифона, бар асари марамматҳои суратгирифта хондани матнҳои форсӣ ҳамакнун кори саҳле нест. Ба эҳтимоли зиёд, тармими катибаҳоро онҳое анҷом додаанд, ки бо хату забони форсӣ ошноӣ надоштаанд, ки дар натиҷа он навиштаҳо дар мавриди фаровоне таҳриф шудаанд.

Барои намуна дар зер яке аз байтҳои мактуб бар равоқи масҷид, ки қироати он то андозае имконпазир гардид, омадааст (нигаред ба акс):

Дар ин кори накӯ ҳар кас,
ки мебандад камар, ё Раб,
Барои хидматаш меёфт
ду боғ дар ҷаннат.

Вуҷуди катибаҳои форсӣ дар оромгоҳи Офоқ Хоҷа гуворӣ аз он медиҳад, ки ҳамагӣ то дувист сол пеш ва шояд камтар аз он форсӣ яке аз забонҳои навиштории ҳокимону нухбагони бумии он сарзамини паҳновар боқӣ мемонд.

Умар САЪДӢ

МУҲОФИЗАТИ ПИРЯХҲО

кафолати таъмини рушди устувори экологӣ

Дар ҷаҳони имрӯза ҳало касе рад карда наметавонад, ки гармашавии иқлим танҳо маҳсули тахайюли олимон асту халос. Тобистони имсола дар сар то сари олам собит намуд, ки воқеан ҳам сол ба сол сайёраи моро гармшавии бесобиқа таҳдиди бештар мекунад. Тибқи баъзе пажӯҳишҳо, ҳар сол ба ҳисоби миёна ҳарорат дар рӯи замин бо сабаби тағйирёбии иқлим тақрибан аз 0,1 то 0,2 дараҷа боло меравад. "Ин чандон зиёд ба назар намерасад, аммо ҷамъшавии ин афзоишҳо боиси тағйироти назаррас дар иқлими сайёра мегардад",- мегӯянд олимон.



Гармшавии иқлим асосан ба захираҳои обӣ зарари калон мерасонад. Пиряхҳо, ки яке аз манбаъҳои асосии оби нӯшиданӣ ба ҳисоб мераванд, аз ин гармшавӣ зарари бештар дида истодаанд. Дар кишвари мо, ки макони асосии пиряхҳо мебошад ва зиёда аз нисфи оби нӯшидании Осиёи Марказиро таъмин мекунад, ин раванд, яъне камшавии сатҳи пиряхҳо чанд соли охир бештар гардида истодааст. Дар Тоҷикистон айни замон беш аз 10 ҳазор пиряхи хурду бузург, ки масоҳаташон ба 11 146 км² баробар аст, мавҷуданд ва ин дар маҷмӯъ 8%-и худуди кишварро ташкил медиҳад. Пиряхҳои мо асосан дар баландии аз 3000-3500 то 3500-5300 метр ҷой гирифтаанд. Дар пиряхҳои Тоҷикистон 456,9 км³ об захира шуда, соле ин пиряхҳо ба дарёҳо 61,8 км³ об медиҳанд.

Омӯзишу тадқиқоти ин пиряхҳо асосан солҳои 20-30-и қарни гузашта аз ҷониби олимони рус оғоз гардидааст ва ин корро ҳоло олимони тоҷик идома дода истодаанд. Бузургтарин ва дарозтарин пирях - ин пиряхи Федченко аст, ки 77 километр дарозӣ дорад.

Пиряхҳо ⅓ ҳиссаи оби солона ва қариб 50%-и оби дарёҳоро ташкил медиҳанд. Мутаассифона, ҳаҷми захираи ях ва масоҳати онҳо доимӣ набуда, вобаста ба тағйир ёфтани иқлим ҳаҷман кам ва масоҳаташон маҳдуд мешавад. Мувофиқи мушоҳидаҳо, ин ҳодиса дар ҳар 12-15 сол ва тақрибан 30-70 сол дар натиҷаи тағйири иқлим ба вуҷуд меояд. Омӯзиши 35-солаи 170 пирях нишон дод, ки масоҳати онҳо сол аз сол хурд шуда истодааст. Аз ҷумла, худуди пиряхҳои Бивачний ва Гармо то 4 км кӯтоҳ шуда, пиряхи Хирсон 450 метр поин фаромадааст. Пиряхҳои қисми ғарбии силсилакӯҳҳои Пётри Як аз 1,5 то 7 км, пиряхҳои қисми шимолии он аз 1 то 6 км, пиряхҳои силсилакӯҳи Паси Олой аз 2 то 3,5-4 км кам гардида, масоҳати пиряхҳои ҳавзаи дарёи Вахш 806 км² хурд шудааст. Дарозии пиряхи Зарафшон дар тӯли солҳои 1908-1986 зиёда аз 1 км, пиряхи Абрамов 80 метр (солҳои 1850-1984) кӯтоҳ гардидааст.

Коршиносон ин обшавии пиряхҳоро як раванди табиӣ медонанд, аммо даҳсолаҳои охир суръати он дар қиёс ба даврои пеш аз саноатишавӣ ташвишовар шудааст. Оби тозае, ки аз ин пиряхҳо ҷорӣ мешавад, на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои дигар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ хеле зарур ҳастанд.

Давоми даҳсолаҳои охир зери таъсири тағйирёбии иқлим баъзе пиряхҳои калон хурд шудаанд. Ба таъкиди донишмандон, раванди обшавии пиряхҳо амали табиӣ мебошад, аммо даврои саноатишавӣ ин равандро суръат мебахшад.

Пиряхҳои бузургтарини Тоҷикистон рӯдхонаҳои Амударё ва Зарафшонро, ки оби онҳо ба кишварҳои поёноб - Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қазоқистон ҷорӣ мешавад, бо оби тоза таъмин мекунанд.

Пиряхи Федченко яке аз бузургтарин пиряхҳо дар дунё ба шумор меравад. Яхшиносони тоҷик даҳсолаҳост, ки ба омӯзиши он машғуланд ва тавре маълум шуд, Федченко ҳаракат мекунад. Давоми тақрибан 40 соли мушоҳидаҳо маълум шуд, ки суръати миёнаи солонаи ҳаракати ин пирях аз 63 то 89 см дар сол аст ва ба ҳисоби миёна 73 мм дар шабонарӯзро ташкил медиҳад. Ба андешаи донишмандон, пирях ҳамасола дар ҳоли майда шудан аст ва ин раванд аз меъёри муқаррарӣ бештар мебошад. Бино ба иттилои охирин, давоми 30 соли охир Федченко беш аз 3 километр масоҳати худро аз даст дода, сатҳи он 50 метр паст фаромадааст. Шуруъ аз соли 1930 масоҳати умумии пиряхҳои кишвар тақрибан 30 дарсад коҳиш ёфтааст.

Ин тамоюлро олими тоҷик Абдурашид Тағойбеков ба раванди тағйирёбии глобалии иқлим рабт медиҳад. Ӯ тағйирёбии босуръати иқлимро ҳалқаи сарбастае меномад, ки худи инсонҳо бо роҳи рушди саноатсозӣ, корхонаҳои саноатӣ, истифодаи нафт, газ ва ангишт ба он таъсир мегузоранд.

"Агар кӯтоҳ карда гӯем, дар атмосфераи замин гази карбон ва газҳои гулхонаӣ аз меъёр зиёд шуда истодаанд. Ин ҳолат таъсири нигоҳ доштани гармиро ба вуҷуд меорад ва имкон намедиҳад, ки ба атмосфера равад - замин гарм мешавад ва сабаби обшавии пиряхҳо ва дигар пайомадҳои манфӣ мегардад, ки бар асари онҳо одамон дар тамоми сайёра ранҷ мекашанд. Бештар ҳодисаҳои табиӣ, монанди хушксолӣ, сел, обхезӣ ва монанди ин ба вуқуъ мепайвандад",- шарҳ медиҳад ӯ.

Ба гуфтаи вай, агар раванди кунунии таназзули пиряхҳо 30-40 соли оянда идома кунад, бисёре аз пиряхҳои хурди Тоҷикистон комилан аз байн мераванд ва ин ба низоми обии баъзе дарёҳои Тоҷикистон, монанди Зарафшон, Кофарниҳон, Қаратоғ, Оби Хинг таъсир мерасонад.

"Тахмин зада мешавад, ки масоҳати пиряхҳои кишвар дар қиёс ба имрӯз 15-20 дарсад кам мешавад. Тахмин зада мешавад, ки ҳаҷми об дар пиряхҳо 80-100 километри мукааб кам мешавад. Бо усули ҳисоб муайян шудааст, ки ба гармшавии ҳаво нигоҳ накарда, баъзе пиряхҳои бузург боқӣ мемонанд",- мегӯянд иқлимшиносони тоҷик.

Онҳо пешгӯӣ мекунанд, ки таъсири эҳтимолии таназзули пиряхҳо ба захираҳои об метавонад ба афзоиши оби дарёҳо оварда расонад, аммо дар ояндаи дур ба эҳтимоли зиёд ба камбудии об сабаб шудан мумкин аст.

Баъзе коршиносони тоҷик роҳи ҳифзи захираҳои оби кишварро, ки дар пайи обшавии пиряхҳо коҳиш меёбанд, бунёди обанборҳои миёна ва хурд ва афзоиши ҷангалҳо дар навоҳии кӯҳӣ медонанд. Албатта, барои ин як барномаи махсусе лозим аст, ки он пайваста зери назорат бошад.

Олима РАҶАБЗОДА,
рӯзноманигори иқлимшинос



Агентии мубориза бо коррупсияи кишвар алайҳи Ҳакимов Р. З., раиси ҷамоати Хоҷамуъмини ноҳияи Ҳамадонӣ, ки ҳамчунин вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳия будааст, бо иттиҳоми қаллобӣ парвандаи ҷиноятӣ боз кардааст.

Ба гуфтаи манбаъ, номбурда бо баҳонаи ҷудо кардани қитъаи замини наздиҳавлигӣ аз як шахрванд 50 ҳазор сомонӣ гирифтааст. Ин дар ҳолест, ки ба қавли Оҷонсӣ, ӯ ваколат ё ҳуқуқи ҷудо ва вобаста кардани қитъаи замини наздиҳавлигиро надорад. Ӯро бо моддаи 247, қисми 4, банди "б" КҶ (қаллобии махсусан калон) айбдор медонанд, ки ин банди қонун то 12 соли зиндон ҷазоро пешбинӣ мекунад.



Хоҷазода Фурқат, додситони вилояти Суғд гуфт, аз 13 ҷинояти таҷовуз ба номус, ки дар ним соли 2025 содир шудааст, аксари он аз ҷониби наздикони ҷабрдидаҳо сурат гирифтааст.

Ба иттилои ӯ, шумораи ин ҷиноятҳо назар ба соли 2024 дар вилояти Суғд 6 ҳолат бештар будааст. Тибқи иттилои ВКД, дар 6 моҳи аввали соли равон дар Тоҷикистон 24 ҳолати ҷинояти таҷовуз ба номус ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 7 ҳолат бештар аст.



Мақомоти милитсияи пойтахт сокини шаҳри Душанбе Қосимов Фозилро ҳангоми фурӯши доруворихои сахттаъсири психотропӣ дастгир карданд.

Ба иттилои масъулон, номбурда на танҳо ба хариду фурӯши ҳабҳои навъи «Лирика» машғул будааст, балки худаш низ ин маводи зарароварро истеъмол мекардааст. Ҳангоми кофтуков аз ӯ дар маҷмуъ 1200 адад ҳабҳои психотропӣ дарёфт ва мусодира шудааст. Мақомоти милитсия нисбат ба дастгиршуда маводи зарурӣ тартиб дода, барои андешидани чораҳои қонунӣ ба мақомоти дахлдор ирсол намудаанд.



ПУРХЎРӢ
ва 7 оқибати нохуши он

Пурхўрӣ гуфта, ҳолатеро дар назар доранд, ки инсон аз меъёр зиёд ғизо истеъмол мекунад ва то вақте ки меъдааш пур шуда, шикамаш дамиш карда ба дард наояд, аз таом даст барнамедорад.

ГУРУСНАГӢ ГУНАҲКОР

Яке аз сабабҳои пурхўрӣ рия накардан ба реҷаи хўрокхўрӣ аст. Вақте ки одам рўзи дароз чизе ба даҳон намебарад, сахт гурусна мемонад ва ҳамин чиз боис мегардад, ки шомгоҳон дастурхонро холӣ кунад.

Хўрдани хўроки аз меъёр зиёд боиси дамиш кардани шикам, қайкунӣ ва захролуд шудани организм гашта метавонад, бинобар ин, инсон бояд дар ҳама ҳолат лаҷоми нафсашро кашида тавонад. Ҳатто вақте ки дастурхон пур аз нозу неъмат аст. Вақте ки хўрданиҳои лазизи зиёдеро назди шахс мегузоранд, дил мехоҳад аз ҳар кадомаш даҳон ширин кунад, вале...

АЙБИ МАҲФИЛИ ДЎСТОНА

Фаромўш накунед, вақте ки кас хўришу ширинию хўрокҳои ҳарҳеларо бебаркаш хўрдан мегирад, ин пурхўрӣ метавонад боиси захролудшавии организм ва туршшавии ғизо дар меъда гардад. Солим будан хоҳед, хўрокҳои туршу ширинро омехта насозед ва аз меъёр зиёд нахўред.

Боз як ҳолате, ки боиси пурхўрӣ мегардад, ин ҷамъ шудани ҳамкорон дар сари як дастурхон ба ягон муносибат, гаштаки дўстона ва иду айём, аз ҷумла идҳои Рамазон ва Қурбон аст. Вақте ки бо одамони наздикат дар сари хони пурнозу неъмат мешинӣ, саргарми суҳбати ширин шуда, кас баъзан аз меъёр зиёд хўрок хўрданашро нафаҳмида мемонад.

Маъмулан дар чунин рўзҳо дастурхонро аз анвои хўрданиҳои лазиз пур мекунанд. Барои он ки баъди маҳфил бемор нашавед, аз хўрок ва хўришу ширинихо кам-кам ба даҳон баред ва ғизоро нағз хоида, баъдан фурў баред, то ки ҳазмаш барои меъда осонтар шавад. Донаву бодом ва мағзу чағзро бебаркаш нахўред, чунки маҳз донагиҳо аксаран боиси дамиши шикам ва қайкунӣ мегарданд.

ПУРХЎРӢ АЗ АСАБОНИЯТ

Боз як сабаби дигари пурхўрӣ асабоният мебошад. Баъзе одамон вақте аз чизе ранҷида, табъашон вайрон мешавад, иштиҳояшон якбора кушода мешавад. Дар ин ҳолат бар асари асабонияти шадид кас сер шудани худро ҳис намекунад. Ғизое, ки кас бар асари асабонияти шадид истеъмол мекунад, ба ҷойи фоида расонидан метавонад ба организми кас зарар расонад. Дар ин ҳолат шахси озурда гўё ҳамроҳи ғизо заҳри навмедӣ, озурдагӣ, ранҷиш, бадбинӣ, зиқӣ, танҳоӣ ва дигар ноҳушиҳоро фурў мебарад. Бинобар ин, вақте асабонӣ ҳастед, қасдатонро аз хўрок гирифта, сари дастурхон нашинед.

ПУРХЎРИИ ШАБОНА

Пурхўрии шабона ба пурхўрӣ аз асабоният шабоҳат дорад. Фарқ танҳо дар он аст, ки шахс рўзона аслан майли хўрокхўрӣ надорад, вале ҳамин ки шаб шуд, якбора иштиҳояш кушода шуда, худро аз хўрдан боздошта наметавонад. Ҳолатҳое низ мешаванд, ки ҳатто нимаҳои шаб бедор шуда, шахс ба сўйи яхдон меравад, то ки боз ягон чизаки бомазза ёфта хўрад.

Пурхўрӣ аз асабоният ва пурхўрии шабона метавонанд боиси фарбеҳӣ гашта, ҳамзамон касро ба бемориҳои зиёде гирифтор созанд. Бинобар ин, ба шахсоне, ки чунин одат доранд, ҳатман аз назорати духтур, махсусан табиби асабшинос гузаштанро тавсия медиҳем.

БЕМОРИҲОЕ, КИ АЗ ПУРХЎРӢ ПАЙДО ШУДА МЕТАВОНАНД

Пурхўрӣ натанҳо кори узвҳои ҳозимаро вайрон карда, касро ба дарди меъда, талхадон ва иллатҳои рўда гирифтор месозад, балки метавонад боиси сар задани бемориҳои зерин низ гардад:

1. Фарбеҳӣ.

2. Бемориҳои дил ва рагҳои хунгарди он.

3. Диабети қанди навъи 2.

4. Фишорбаландӣ ва хатари гирифтор шудан ба инсулт ё инфаркт.

5. Баланд шудани сатҳи холестерин дар хун.

6. Артрит ва остеоартрит.

7. Бемориҳои гурда.

Тақвими ҳафтаина



Ҳамал
21.03 - 20.04

Дар ин ҳафта эҳтиёт кунед, ки ҳодисаҳои ногаҳонӣ нақшаҳоятонро вайрон накунанд. Шояд баъзе хабарҳо водор созанд, ки қарорҳои пешинаро бозбинӣ намоед. Бо атрофиён бо нармӣ суҳбат кунед, то нофаҳмиҳо ҷилавгирӣ шаванд.



Савр
21.04 - 21.05

Ҳафтаи мусоид барои иҷрои нақшаҳои корӣ ва вохўриҳои муҳим аст. Бо ҳар нафаре, ки мулоқот мекунед, бодиққат ва эҳтиёткор бошед, то суханонатонро нодуруст нафаҳманд.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Ин ҳафта эҳсос мекунед, ки неруи зиёд доред ва мехоҳед корҳои навро оғоз намоед. Аммо набояд ҳама чизро якбора ба даст гиред, қувваи худро оқилона тақсим кунед. Дар муносибат бо наздикон ростқавл бошед, аммо аз танқидҳои шадид худдорӣ намоед.



Саратон
22.06 - 23.07

Ҳафтаи ҳассос аст. Шояд баъзе суханҳо оддӣ шуморо ранҷонанд, аммо кўшиш кунед, ки онҳоро ба дил наздик нагиред. Барои оромии рўҳӣ ба корҳои эҷодӣ машғул шавед ё бо дўстон мулоқот кунед. Аз бахс бо хешовандони наздик худдорӣ намоед.



Асад
23.07 - 22.08

Ин ҳафта дар соҳаи кор ва тиҷорат қадамҳои ҷиддӣ гузоштан мумкин аст. Эҳтиёткор бошед, зеро рақибон метавонанд аз хатоҳои шумо истифода баранд. Дар мулоқотҳо ва гуфтугуҳо мавқеи худро бо далелҳои қавӣ ҳимоя кунед.



Сунбула
23.08 - 22.09

Ҳафтаи серташвиш аст, аммо бо банақшагирии дуруст метавонед ҳама чизро сари вақт анҷом диҳед. Ба саломатии худ аҳамият диҳед, ба хастагӣ роҳ надиҳед. Дар муносибат бо ҳамкорон сабур бошед, як ҳарфи ноҷо дўстро душман мегардонад.



Мизон
25.09 - 22.10

Дар ин ҳафта ба дастгирии атрофиён ниёз пайдо мекунед. Агар худро зери фишор эҳсос кунед, барои истироҳат вақт ҷудо намоед. Шояд нафаре ба кумаки шумо ниёз дошта бошад, ўро дастгирӣ кунед. Имкониятҳои хуб дар муносибатҳои шахсӣ пайдо мешаванд.



Ақраб
23.10 - 22.11

Ҳафтаи пур аз ҳодисаҳои ғайричашмдошт аст. Шояд баъзе нақшаҳо тағйир ёбанд, вале ин ба манфиати шумо мешавад. Ин ҳафта бо эҳсосоти қавӣ рў ба рў мешавед, аз ин рў, кўшиш кунед, ки қарорҳои саросема қабул накунед.



Қавс
25.11 - 21.12

Ин ҳафта рўҳияатон баланд аст, мехоҳед фаъолиятҳои ҷадидро оғоз намоед. Бехтараш аз корҳои хавфнок канорагирӣ кунед. Дар муносибатҳои шахсӣ ростқавлӣ ва самимият кумак мерасонад. Эҳтимол пешниҳодҳои ҷолиб дар касбу кор пайдо шаванд.




аз **Ҷаддӣ**
22.12 - 20.11

Ҳафтаи ҷиддӣ барои корҳои муҳим ва масоили молиявӣ аст. Ҳар қадами худро бодиққат гузоред, то хатоҳо ҷилавгирӣ шавад. Эҳтимоли пайдо шудани имкониятҳои нав вуҷуд дорад, аммо онҳоро бо таҳлил қабул кунед. Бо наздикон муносибатҳои хубро нигоҳ доред.



Далв
21.01 - 19.02

Ин ҳафта бо қарорҳои душвор рў ба рў мешавед. Ба ҳисси ботинӣ такя кунед, вале маълумотро низ дақиқ санҷед. Дар муҳити корӣ эҳтироми ҳамкоронро бо масъулиятнокӣ ба даст меоред. Ин ҳафта вақти хуб барои шуруъ кардани лоиҳаи нав аст.



Ҳут
20.02 - 20.03

Ҳафтаи ором, вале пур аз имкониятҳои хуб барои бехтар сохтани вазъи зиндагӣ аст. Агар хоҳед, ки муносибатҳои шахсӣ мустаҳкам шаванд, нисбати дўстдоштаатон меҳрубон бошед. Харочоти ғайриинтизор табъатонро хира месозад.

ТАБИБИ ҲОЗИҚ ВА ИНСОНИ КОМИЛ

Ёде аз ҷарроҳ Абдуҷаббор Ҳакимов

Дар бораи баъзе одамон навиштан хеле душвор аст, гӯё рӯҳаш ба кас фишор меорад, тарс вуҷуди нависандаро фаро мегирад, масъулият меафзояд. Вақте банда қалам ба даст гирифта, дар бораи ҷарроҳи номвар шодравон Абдуҷаббор Ҳакимов навиштанӣ мешавам, чунин эҳсосот маро фаро мегирад.



Бо Абдуҷаббор Ҳакимов моҳи июни соли 1972 дар беморхонаи рақами 3-и шаҳри Душанбе шинос шудам. Модарам ногаҳон бемор шуданд ва бо маслиҳати дӯстон эшонро бистарӣ кардем. Абдуҷаббор дар ин беморхона мудири шуъба шуда фаъолият мекардаанд. Бояд бигӯям, ки ҳангоми вохӯрии аввалин дар симои ин мард табиби донишманд, ҳалолкор ва дилсофро дарёфтам. Мо аз ҳамон айём бо ҳам унс гирифта, акаву додар шудем ва муносибати неку наздики мо то охири умри эшон идома ёфт.

Кормандӣ шоистаи чумҳурӣ, ҷарроҳи хизматнишондода Абдуҷаббор Ҳакимовро тамоми кормандони тиби шаҳри Душанбе ҳамчун мутахассиси оқилу доно, хирдманду адолатпеша ва нексифату некрафтор, хоксору бофарҳанг, бовиҷдону баномус мешинохтанд.

Шодравон 12-уми июни соли 1943 дар деҳаи Пасурхии ноҳияи Бойсуни вилояти Сурхондарё таваллуд шуда, 76 сол умри бобаракат аз сар гузаронидаанд ва 2-юми октябри соли 2020 моро падруд гуфтанд.

Як лаҳзаи хотирмон: Моҳи июли соли 1980 барои дидорбинӣ ба беморхона омадам. Абдуҷаббор дар ҷойи кор набуданд, аз ҳамкорон фаҳмидам, ки аз болои он кас як шикояти беимзо ба Кумитаи марказӣ, шахсан ба котиби КМ навиштаанд. Эшонро ба КМ даъват карда буданд. То омадани он кас интизор шудам. Тахминан пас аз ду-се соат омаданд, хело хастаҳол ва асабонӣ буданд. Баъд аз салому алейк, бо тааҷҷуб гуфтанд: “Охир, бубинед, аз болои ман навиштанд, ки фақат беморон назди ман меомадаанд ва ким-чӣ хел гапу калочаҳо... Охир, беморон ба наздам оянд, пеш кунам? Ё маҷбуран ба назди дигар табибон фиристам?”. Абдуҷаббор гуфтанд, ки он касро шахсан котиби КМ қабул карда, сеҷор соат бозпурӣ кардааст...

Банда ҳам ҳайрон шудам, зеро медонистам, ки дӯсти ман Абдуҷаббор Ҳакимов одами покиза ҳастанд, дар хонаи духуҷрадоре, ки бо кумаки падарарӯсашон харида буданд, зиндагӣ мекарданд. Агар он кас тамаъкор мебуданд, кайҳо соҳиби ҳавливу “Волга” мешуданд...

Абдуҷабборро дилбардорӣ кардам, ки зиқ нашаванд, ҳақиқат рӯйи об мебарояд.

Абдуҷаббор дар 4-моҳагӣ аз модар ятим мешаванд ва дар ҳаёт бо заҳмату саъю кӯшиши худашон ба муваффақиятҳо расиданд, соҳиби обрӯву иззат шуданд, шогирдони зиёдеро тарбия карданд.

Абдуҷаббор дар оиладорӣ низ намунаи ибрат буданд. Завҷаашон Биброзия Ҳакимова низ пизишки кӯдакон ҳастанд ва ҳоло дар иҳотаи фарзандону наберагон давлати пирӣ меронанд. Онҳо чор фарзандро ба воя расониданд: Нигина - иқтисодчӣ, Офтобхон - мутахассиси соҳаи тиб, Зафарҷон - иқтисодчӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, Зокирҷон - ҳуқуқшинос. Ҳоло Зафарҷон директори Маҷмааи парандапарварӣ дар ноҳияи Данғара буда, Зокирҷон подполковники милитсия, корманди Вазорати корҳои дохилӣ мебошанд. Агар дӯсти ман, табиби ҳозиқ, ҷарроҳӣ номвар Абдуҷаббор Ҳакимов аз олам даргузашта бошанд ҳам, номи неки ӯро фарзандонаш пос медоранд.

Ёдашон ба хайр!

Тоҳир ОҚИЛОВ,
ш. Душанбе

ЕДЕ АЗ ГЕНЕРАЛ ҶАНГИЕВ

8-уми августи соли 2025 генерал Назарбой Ҷангиев аз олам даргузашт. Номбурда солҳои тӯлонӣ дар Хадамоти оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон содиқона фаъолият намуда, соҳиби обрӯву эҳтиром буд.



Ҷангиев Назарбой 16-уми июни соли 1950 дар ноҳияи Нуробод (Комсомолобод) дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Соли 1967 мактаби миёнаи №1-и ба номи Ушинскийи ноҳияи Нурободро хатм кардааст. Солҳои 1968-1970 дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи ИҶШС хизмат кардааст ва дар давраи хизмати ҳарбӣ бо медали «Барои хизматҳои намунавии ҳарбӣ» қадрдонӣ карда шудааст.

Баъди хизмати ҳарбӣ фаъолияти кориашро дар Қисми мустақили 3 ҲХДО ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба сифати оташнишон оғоз менамояд. Сентябри соли 1970 ба Омӯзишгоҳи оташнишонӣ-техникии шаҳри Свердлови ВКД ИҶШС дохил шуда, онро соли 1972 хатм намуд. Соли 1972 то соли 1979 ба вазифаи сардори басти навбатдории Қисми мустақили 45 ҲХДО шаҳри Бӯстон таъйин мегардад.

Соли 1979 Ҷангиев Назарбой ба вазифаи сардори нозироти давлатии зидди сӯхтори ШВКД дар шаҳри Хуҷанд таъин карда мешавад. Солҳои 1980-1983 Мактаби олии милитсияи ВКД ИҶШС дар шаҳри Тошкантро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст.

Солҳои 1987-1989 дар вазифаи нозири Шуъбаи назорати давлатии зидди сӯхтор, 1989-1992 муовини роҳбари оташнишонӣ, 1992-1994 сардори шуъбаи тариғиботу ташвиқот, 1994-1996 сардори Шуъбаи назорати давлатии зидди сӯхтор, 1996-1999 муовини сардори Сарраёсати муҳофизат аз сӯхтор ва хадамоти фаврӣ-наҷотдиҳии ВКД ҶТ фаъолият кадааст. Солҳои 1999-2000 ба ҳайси сардори Сарраёсати муҳофизат аз сӯхтор ва хадамоти фаврӣ-наҷотдиҳии ВКД ҶТ ва аз соли 2000 то 2008 сардори Сарраёсати хадамоти давлатии оташнишонии ВКД ҶТ фаъолият намудааст.

Номбурда аз 20-уми феврали соли 2008 бознишаста буд.

Дар давраи фаъолияти корияш бо рутбаи олии генералӣ ва бо мукофотҳои давлати ва соҳавӣ сарфароз гардонида шудааст.

Рӯҳаш шод бод!

Муҳибҷон РАҲИМОВ,
минтақаи Рашт

МАВЛУДНОМА

21 АВГУСТ

Михаил Морозов (1920-1997), 105-солагии зодрӯзи муаррих.

Усмон Тӯраев (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

Бобоюнус Худойдодзода (1870-1945), 155-солагии зодрӯзи шоир, гурӯҳихон.

22 АВГУСТ

Тоҳирҷон Норматов (1955), 70-солагии зодрӯзи генерал-майор.

Ҳамро Тоҳирова (1915-1990), 110-солагии зодрӯзи арбобзани давлатӣ, аввалин меъморзани тоҷик.

23 АВГУСТ

Вера Макарова (1930), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи психология.

Латиф Файзиев (1955), 70-солагии зодрӯзи генерал-майор.

24 АВГУСТ

Тамара Абдушукурова (1940), 85-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, профессор, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Абдусаттор Ғаффоров (1955), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

Нусур Холмуҳаммадов (1935-1990), 90-солагии зодрӯзи тарҷумон.

25 АВГУСТ

Ислом Бобохӯҷаев (1915-1992), 110-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

Муҳаммадҷон Расулӣ (1920-2008), 105-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

Ҳабибулло Тоатов (1950), 75-солагии зодрӯзи муаррих.

Мавлон Узоқов (1930-2007), 95-солагии зодрӯзи Журналисти шоистаи Тоҷикистон.

Абдуҳаким Ҳалимов (1940), 85-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбию давлатӣ.

Рабимқул Ҳамроқулов (1920-2003), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи ҳуқуқ.

26 АВГУСТ

Абдулвоҳид Саидов (1945), 80-солагии зодрӯзи журналист.

Маҳмудҷон Турсунов (1940-1991), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

27 АВГУСТ

Марат Орифов (1935-2018), 90-солагии зодрӯзи ҳунарманди театру кино, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон. Фарҳоди Карим (1945), 80-солагии зодрӯзи журналист.

Элеонора Қосимова (1945), 80-солагии зодрӯзи нависандаи русзабони тоҷик.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шартномаи хариду фурӯши хона бо реестри №1Ш-947, аз санаи 26.06.2002, ба номи Хасанов Ватаншо, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур 3, гузаргоҳи кӯчаи Каратегинский, хонаи 45, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ҷумҳуриявӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Юсупова Саодат, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, кӯчаи академик Ахтамов, хонаи 82, ҳ. 22, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, АС№001546 ва табели А№001546, ба номи Мироджова Ситора Гиёсудиновна, ки соли 1974 аз мактаби миёнаи №48-и шаҳри Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Аттестати синфи 11, Т-АТУ №0007624, ба номи Шагиахметова Давлатнигина Рафаэльевна, ки соли 2012 аз ҷониби МТМУ №54-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети ҳарбии ҶТ, №904019, ба номи Ҷаббаров Дониёр Закирович, ки санаи 09.12.2022 аз ҷониби Комиссариати ҳарбии н. Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9, ШМА №0008051, ба номи Бобохонов Икром Тохирович, ки соли 2004 аз ҷониби Мактаб-интернати №1-и ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, Т-АТУ №0681706, ба номи Зоиров Иброҳим Исломидинович, ки соли 2019 аз ҷониби МТМУ №17-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Зухуртдинова Хуршеда Юнусовна, №0385501, РЯМ: 0230079062, РМА: 645046117, санаи судур 24.01.2019, ки аз Нозироти андоз дар ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби сӯхта шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 10, А153299, ба номи Ашуров Шомурод Тағойевич, ки соли 1993 аз ҷониби МТМУ №116-и ноҳияи Сино (собиқ №62-и ноҳияи Рӯдакӣ) дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома аи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Шарипов Ҷамшед, РЯМ: 0730153747, РМА: 075348416, ки аз 11.08.2017 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТО №0171135, рақами қайд №367, ба номи Хайдарова Зилола Хамралиевна, ки аз 28.06.2007 аз ҷониби ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Мирзоназаров Ҳакимали Имомович, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Чортеппа, деҳаи Ҷӯйбодом, ки соли 2008 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Алимкулова Доно Тошбоевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н. Махсум 124, ҳ. 31, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, Т-АТУ №1117222, ба номи Султонзода Ҷайҳун Хайрулло, ки санаи 21.06.2023 аз ҷониби "Литсей барои хонандагони болаёқат"-и ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Турсунов Фаридун, РЯМ: 0730036368, РМА: 075169607, ки аз 02.09.2010 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии (DB 0624487) аз 11.01.2024, мошини сабукрави тамғаи Toyota Corolla, рақамҳои давлатӣ 0002 UD 10, ба номи Саторов Фирдавс Хотамбекович, ШБИ РБДА ВКД ҶТ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, Т-АТУ №0511010, ба номи Элиев Қосимҷон Раҷабалиевич, ки санаи 29.06.2018 аз ҷониби МТМУ №70-и ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, Т-АТУ №0837260, ба номи Назаров Қобилҷон Абдукомилович, ки санаи 13.07.2020 аз ҷониби МТМУ №72-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Алтайр", №0280273, РЯМ: 0410031738, РМА: 040053157, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Султон Сулаймон", №0281993, РЯМ: 0310020875, РМА: 030032641, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Муҳри Иттифоқи касабаи Муассисаи давлатии «Мактаб-интернати миёнаи махсуси санъати ҷумҳуриявӣ ба номи Миратулло Атоев» аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Намояндагии "ЛЕВАНТ ТЕХНОЛОДЖИ ДАНИСМАНЛИК САНАИ ВЭ ТИКАРЕТ ЛИМИТЕД СИРКЕТИ" дар ҶТ, №0309096, РЯМ: 0220002934, РМА: 020060404, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.



Афлотун | Мавзеи атрофи Маскав | Адолатпеша
Чин дар рӯй, оҷинг | Ихтироии А. С. Попов | Гиёҳ, алафи тару тоза | Боис, тадбир, мӯҷиб | Номи яке аз суратҳои қартаи бозӣ
Гардсӯз, ордбирён | Шаҳри саноатӣ дар Олмон | Шаҳр, кишвар, диёр | Шаҳр дар Перу
Исми духтаре, ки дар пӯсташ сурхӣ дорад | Ҷазира дар Вест-Индия | Қаҳрамони Гӯруғлӣ | Ноҳақ, ноодуруст | Қисми либос | Шаҳр дар Гана
Машҳур, маъруф | Шаҳр дар Гурҷистон | Ҷаббиш, фурӯбарӣ, бахудкушӣ | Мутеъ будан | ...лер, сардори фашистон
Шафоф, соф, беолоиш | Об гирифтани пӯст аз сӯхтан | ... Сафаров, яке аз лидерҳои собиқ
Айбнок, нуқсоннок, иллатдор, маъюб | Меваи дӯстдоштаи майхӯ | Мӯнис | Бандӣ | Озарбойҷон | Пешвои намози ҷамоат | Ҷумҳурии мухтори Саха | Майхӯрчаи Аладдин | Фиреб, ҳилла
... Хоҷамумин | "... бубинед, ҷорӯб дар дастам" | Яке аз се хислати некии «Аваста»
Ҷои мушоҳидаи ситораҳо | Ҷазира дар Индонезия | Давлат дар Африқои Ғарбӣ | Салвадор ... , рассоми машҳур
... Грозний | Яклаҳзагӣ | Маводи асосии хӯрока дар Шарқ
Тифлишмак | Эпоси миллии ҳинд

ЛИГАИ ЧЕМПИОНҲОИ ОСИЁ-2

«ИСТИҚЛОЛ» ДАР ЯК ГУРӮҲ БО ДАСТАИ КРИШТИАНУ РОНАЛДУ БОЗӢ МЕКУНАД



Конфедератсияи футболи Осиё қуръакашии марҳилаи гурӯҳии Лигаи дуюми чемпионҳои Осиё-2025/26-ро баргузор кард, ки дар он дастаи «Истиқлол»-и Душанбе аз Тоҷикистон низ ширкат мекунад.

Аз рӯи натиҷаи қуръакашии марҳилаи гурӯҳии Лигаи дуюми чемпионҳои AFC-2025/26, чемпиони Тоҷикистон «Истиқлол»-и Душанбе бо бошгоҳи «Ал-Наср», ки ба ҳайати он капитани тими миллии Португалия Криштиану Роналду шомил аст, дар як гурӯҳ қарор гирифт. Рақибони "Истиқлол" ба ҷуз аз "Ал-Наср" дар гурӯҳи "D" дастаҳои "Ал-Завра" (Ироқ) ва "Гоа" (Ҳиндустон) шуданд. Бар асоси натоиҷи марҳилаи гурӯҳӣ аз ҳар гурӯҳ ду даста ба даври ҳаштякниҳоии Лигаи дуюми чемпионҳои Осиё-2025/26 роҳ меёбанд.

Натоиҷи қуръакашии Лигаи дуюми чемпионҳои AFC-2025/26:

Гурӯҳи A: «Ал-Васл» (АМА), «Истиқлол» (Эрон), «Ал-Муҳаррак» (Баҳрайн), «Ал-Ваҳдат» (Урдун);

Гурӯҳи B: «Ал-Аҳлӣ» (Қатар), «Андиҷон» (Ӯзбекистон), «Аркадаг» (Туркманистон), «Ал-Ҳалдия» (Баҳрайн);

Гурӯҳи C: «Сипоҳон» (Эрон), «Ал-Ҳусейн» (Урдун), «Мохун Боган» (Ҳиндустон), «Аҳал» (Туркманистон);

Гурӯҳи D: «Ал-Наср» (Арабистони Саудӣ), «Ал-Завра» (Ироқ), «Истиқлол» (Тоҷикистон), «Гоа» (Ҳиндустон).

ҶОМИ ТОҶИКИСТОН-2025

«ЭСХАТА» ВА «РЕГАР-ТАДАЗ» БА ДАВРИ НИҲОЙ БАРОМАДАНД

Баъд аз баргузории даври нимниҳоии Ҷоми футболи Тоҷикистон-2025 дастаҳои ғолиб, ки дар вохӯрии ниҳоӣ барои ҷом мубориза мебаранд, маълум шуданд.



Дар бозии якуми нимниҳоӣ дастаҳои «Эсхата»-и Хуҷанд ва «Вахш»-и Бохтар бозӣ карданд. Ин вохӯрӣ бо натиҷаи мусовии 1:1 ба охир расид. Дар задани зарбаҳои ёздаҳметра футбобозони «Эсхата» маҳорат нишон доданд ва бо ҳисоби 4:3 пирӯз шуданд.

Дар бозии дигари даври нимниҳоӣ дастаҳои «Регар-ТадАЗ»-и Турсунзода ва «Равшан»-и Кӯлоб ба майдон омаданд. «Регар-ТадАЗ» дар майдони худ тавонист бар «Равшан» бо ҳисоби 2:1 пирӯз шавад ва роҳашро ба даври ниҳоӣ идома диҳад.

Ҳамин тавр, дастаҳои «Эсхата» ва «РегарТадАЗ» дар вохӯрии ниҳоии Ҷоми Тоҷикистон-2025 бозӣ хоҳанд кард. Бозии ниҳоӣ моҳи сентябр дар варзишгоҳи «20-солагии Истиқлолияти Тоҷикистон»-и Хуҷанд ба нақша гирифта шудааст.

ФУТЗАЛ

БОЗИҲОИ САНҶИШИИ ДАСТАИ МУНТАХАБИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТОШКАНД

Дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон дар доираи омодагӣ ба марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2026 дар Ӯзбекистон се бозии санҷишӣ анҷом дод.

Футзалбозони тоҷик дар доираи ҷамъомади таълимиву тамринӣ дар шаҳри Тошканд аввал бо бошгоҳи футзали «SQB» бозии сачишӣ анҷом дода, аз ҳариф бо ҳисоби 2:4 шикаст хӯрданд. Голҳои мунтахаби Тоҷикистонро дар ин дидор Бахтиёр Солиев ва Идрис Ёров заданд. Сипас, 16-уми август дар мачмааи варзишии «Юнусобод»-и Тошканд бо дастаи мунтахаби футзали Ӯзбекистон бозӣ карданд, ки мусовӣ (0:0) анҷом ёфт.

18-уми август дастаи мунтахаби Тоҷикистон рақобати санҷишии сеюмро анҷом дод. Ин дафъа ҳариф қаҳрамони феълии Ӯзбекистон дастаи «ВМВ» буд. Ҳарчанд футзалбозони тоҷик муддати зиёд дар ҳисоби бозӣ пеш буданд, аммо ин бозӣ бо пирӯзии соҳибони майдон ба охир расид. «ВМВ» дар охир ду гол зада, ҳисоби бозиро 3:4 кард. Ду голи Тоҷикистонро Бахтиёр Солиев ва яки дигарашро Идриё Ёров зад.



Ин вохӯриҳои санҷишӣ марҳилаи омодагӣ ба Ҷоми Осиё-2026 ба ҳисоб мераванд.

ФУТБОЛ

ЯК ШИКАСТ ВА ДУ МУСОВИИ НАВРАСОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР ИНДОНЕЗИЯ

Дастаи мунтахаби наврасони Тоҷикистон (U-17) таҳти роҳбарии Марко Рачинӣ дар мусобиқаи байналмилалии дӯстонаи «Ҷоми Истиқлолияти Индонезия-2025» ширкат кард.

Наврасони Тоҷикистон дар бозии якум бо соҳибони майдон - дастаи наврасони Индонезия мусовӣ (2:2) бозӣ карданд. Сипас, дар бозии дуюм аз дастаи Малӣ бо ҳисоби 2:4 шикаст хӯрданд. Шогирдони Рачинӣ 18-уми август дар даври ниҳоӣ бо тими наврасони то 16-солаи Ӯзбекистон мусовӣ (3:3) карданд. Голҳои мунтахаби Тоҷикистонро Абдулло Иброҳимзода, Меҳрубон Одилзода ва Назрулло Ашӯрализода заданд.



Қаблан дар шаҳри Медан мунтахаби наврасони Тоҷикистон (U-17) бо Индонезия мусовӣ (2:2) карда, аз Малӣ (2:4) шикаст хӯрда буд.

Барои мунтахаби наврасони Тоҷикистон (U-17) мусобиқа дар Индонезия яке аз марҳилаҳои омодагӣ ба Ҷоми ҷаҳон-2025 мебошад, ки аз 3 то 27-уми ноябр дар Қатар баргузор мешавад. Дастаи Тоҷикистон дар Давҳа дар гурӯҳи «I» бо дастаҳои Чехия (5-уми ноябр), ИМА (8-уми ноябр) ва Буркина Фасо (11-уми ноябр) вомехӯрад.

РЕЗААХБОР



Дар Флорида (ИМА) дар мусобиқаи War of the Worlds вохӯрии муштзани тоҷик Муҳаммад Ёқубов ва амрикоӣ Уилям Фостери III рӯйдоди аслии шом буд. Набард тамоми даҳ раунд давом кард. Холҳои ниҳоии доварон 95-95 ва ду маротиба 98-92 буданд. Қарори аксарият ба нафъи муборизи тоҷик буд ва ҳоло рекорди касбии ӯ 23 пирӯзӣ (бо 12 нокаут) бо як бохтро ташкил медиҳад.

***

Дар Маскав дар мусобиқаи ACA 190 размандаи тоҷик Фаридун Одилов бар Леонардо Силваи бразилӣ пирӯзии боваринок ба даст оварда, довталаби мақоми аввал шуд. Одилов (19-3-2) аз сонияҳои аввал бартарӣ дошт ва ба ҳарифаш пайваста бо суръати баланд фишор меовард. Дар натиҷа ҳар се довар бо ҳисоби 30-26 пирӯзиро насиби Одилов донистанд. Барои Силва ин бохти ҳаштум ва барои Фаридун 19-умин пирӯзӣ дар 24 набард аст.

***

FIFA рейтинги нави тимҳои миллии занонаро нашр кард. Дастаи мунтахаби занонаи футболи Тоҷикистон се зина поин рафта, дар ҷои 158-ум (950,20 хол) қарор гирифт. Испания, ки чанде пеш ба даври ниҳоии Чемпионати Аврупо роҳ ёфт, Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро аз ҷойи аввал, ки ҳоло дуюм аст, дур кард. Шветсия, Англия ва Олмон низ ба панҷгонаи беҳтарин шомил шуданд. Фаронса, Бразилия, Ҷопон, Канада ва ҶХДК ба даҳгонаи беҳтарин шомиланд.

***

Дар Варзишгоҳи марказии шаҳри Турсунзода бозии калидии плей-оффи Лигаи дуюми чемпионҳои Осиё-2025/26 баргузор шуд, ки дар он барандаи Ҷоми Тоҷикистон-2024 дастаи «Регар-ТадАЗ» аз дастаи «Аҳал»-и Туркманистон бо ҳисоби 1:2 мағлуб шуд. Акнун дар ин мавсим "Регар-ТадАЗ"-и Турсунзода дар Лигаи даъвати Конфедератсияи футболи Осиё бозӣ хоҳад кард.


Идораи мағзҳо

НАХАНДОН

Зан гирён ба палатаи шавҳари бемораш медарояд.
Шавҳар:
- Ҳа, чӣ шуд?
Зан:
- Модарам вафот карданд!
Шавҳар:
- Медонӣ ку, ҷоғам шикастагӣ, мана нахандон...

ОФТОБ

Шавҳар ба зан:
- Занакҷон, мехоҳӣ Офтоби ман бошӣ?
Мард:
- Албатта, мардакҷон.
Мард:
- Набошад, аз ман 150 миллион километр дур исто!

КОНЯК

Духтур аз бемор мепурсад:
- Чаро шумо доруворихои навиштаи маро намехӯред?
Бемор:
- Духтурҷон, рости гап, чунон талханд, ки...
Духтур:
- Шумо доруро коняк тасаввур карда, чашмонатонро пӯшеду зуд фурӯ баред!
Бемор:
- Беҳтараш ман коняк менӯшаму тасаввур мекунам, ки дору хӯрдам, духтурҷон!

СОЛИМ

Нафаре дар дами марг қарор дорад. Табиб мехоҳад ӯро дилбардорӣ кунад:
- Набзатон хуб аст, дилу шушҳоятон солим, ҳарорати баданатон паст шуд...
Бемор:
- Ин тавр бошад, ман сип-сиҳат мемурам, духтур...

ТОРТ

Дар Донишгохи тиббӣ:
- Профессор, мо барои супоридани санҷиш омадем. Ин конфетҳо барои шумо.
Профессор:
- Конфет? Девона шудед? Аз саводи шумо ҳаёти одамон вобастагӣ дорад! Ками камаш торту арақ...

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

САБАБИ МАРГИ ҲАМСОЯ

Афандӣ ҳамсояашро дида, мегӯяд:
- Хабар дорӣ, хориҷие, ки дар қабати 4-уми бино зиндагӣ мекард, фавтидааст?
Ҳамсоя:
- Аз кадом сабаб мурдааст?
Афандӣ:
- Эээээ, хориҷӣ дар хона сигарет кашидаасту беаҳамиятӣ намудааст, хона оташ гирифтааст.
Ҳамсоя:
- Дар натиҷаи сӯхтор мурдааст гӯед.
Афандӣ:
- Не, ба 03 занг зада, аз тиреза паридааст.
Ҳамсоя:
- Набошад, афтода ҷон додааст?
Афандӣ:
- Ҳамин замон наҷотгарон матоеро паҳн мекунанд ва хориҷӣ даруни палатка меафтад ва дар натиҷаи амортизатсия парида боз аз тиреза ба хона медарояд.
Ҳамсоя:
- Хайр, дар оташ мурдааст гӯед.
Афандӣ:
- Не, ӯ боз аз тиреза паридааст.
Ҳамсоя:
- Худо раҳмат кунад, ба замин зада нобуд шудааст?
Афандӣ:
- Не, ин дафъа ба сими телефон бархӯрда, боз аз тиреза ба хона медарояд.
Ҳамсоя:
- Эээ, безор кардед, оташ гирифта мурд гӯеду монед-дия!
Афандӣ:
- Эээ, боз аз ҷояш ҷаста ба палатка афтодааст.
Ҳамсоя:
- Набошад, аз чӣ ба марг расидааст?
Афандӣ:
- Аз сабаби ба сӯхторхомӯшкунакҳо халал расониданаш ӯро бо силоҳ куштаанд...

ШАВҲАРИ ТАЪРИФӢ

Ду нафар занҳои ҳамсоя бо ҳам суҳбат доранд. Яке аз шавҳараш шикоят мекунад:
- Шавҳари ниҳоят ганда дорам ва рӯзам сиёҳ аст...
Дигаре бошад, ба таърифи шавҳараш мепардозаду аз ӯ фаришта метарошад.
Дугонае, ки аз шавҳараш шиква дошт, бо ҳавас мепурсад:
- Дашном намекунад?
- Не!
- Рашк намекунад?
- Не!
- Намезанад?
- Не!
- Наменӯшад?
- Не!
Зан бовар накарда, мегӯяд:
- Э ҳамсояҷон, хавос кардима, шавҳарата ин тарафу он тараф ҷумбон, боз намурда бошад.

СИПЕҲР

Сканворд

